# ҲУМОЮН БОД НАВРӮЗИ ХУҶАСТАПАЙ!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 4-5 (58-59) 18-УМИ МАРТИ СОЛИ 2017, ШАНБЕ



**Ин ҷашни умумимиллӣ барои халқи мо мероси таърихӣ ба шумор меравад, зеро он аз гузаштагони дурамон ба ёдгор мондааст. Боиси ифтихор аст, ки дар поку беолоиш ва бегазанд ба насли имрӯз расонидани ин суннати бисёр гиромии таърихӣ саҳми фарзандони фарзонаи миллати тоҷик беназир мебошад.**

**Наврӯз барои мардуми мо на танҳо хушнудиву шодмонӣ меорад, балки як восита ва айёми созандагиву ободкорӣ буда, ба пешрафту ободии ҳар як хонадон, маҳалли зист, шаҳру ноҳия ва дар маҷмӯъ ба ободии сарзаминамон мусоидат менамояд.**

**Бояд гуфт, ки ҳар ҷашну маросим ҳикмат ва баракате дорад. Хусусан Наврӯз, ки маҷмӯае аз андӯхтаҳои ҳакимонаи халқу миллатҳои куҳанбунёд мебошад, ҷашнест, ки зиндагиву рӯшноӣ, некиву накукорӣ, сулҳу созандагиро меситояд ва мақоми инсонро азизу гиромӣ медорад.**

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

## АЗ НАВРӮЗ ТО НАВРӮЗ

### (Минбари ҳуқуқшинос 5-сола шуд)

**Расо 5 сол муқаддам санаи 19-уми марти соли 2013 фазои иттилоотии кишварро боз як рӯзномаи нав – «Минбари ҳуқуқшинос» комил сохт.**

**Нахустшумораш 19 марти соли 2013, дар арафаи ҷашни байналмилалии «Наврӯз» бо теъдоди 1000 (ҳазор) нусха ба табъ расидааст.**

**Шуморае, ки дар даст доред, 59-умини он аст. Дар ин 59 шумора рӯзнома тавонист, ки хонандаи худро пайдо кунад ва дар баробари ин шумораи зиёди муаллифонро аз ҳисоби устодон, донишҷӯён, кормандони мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар гирди худ ҷамъ орад ва дар таъмини ҳуқуқи ҳар як шахс ба озодии сухан саҳми худро гузорад. 5-солагӣ муборак ҳаводорони сухан!**

С. 2 →

## ҲАР РӮЗАТОН НАВРӮЗ БОД!

**Садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳайати омӯзгорону кормандон, донишҷӯён ва дар симои онҳо кулли мардуми шарифи кишварро ба омад-омади фасли зебои баҳор ва ҷашни миллии Наврӯз табрик менамояд.**

Инак, боз ба диёри зарнисору ганҷрез, нозанину файзбор ва сарзамини таърихию аҷдодии тоҷикон Наврӯз омад. Наврӯз аз бузургтарин, зеботарин ва муқаддастарин ҷашни миллии тоҷикон ба ҳисоб рафта, аз таърихӣ ва соҳибтамаддун будани миллати куҳанбунёду фарҳангсолори тоҷик башорат медиҳад. Ин ҷашни бошукӯҳ мувофиқи таълимоту андешаи соҳибназарон таърихи беш аз шашҳазорсола дошта, ҳамчун мероси бою пурғановат аз ниёгон бароямон мерос мондааст. **Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрии миллӣ мақому манзалати Наврӯз ҳамчун маҳбубтарин ҷашн, ойин, анъана ва русуми миллӣ сатҳу сифати навро касб намуда, бо кӯшишу заҳмат, ибтикороту ташаббусҳои бевоситаи созандаи фарзанди фарзонаи миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми байналмилалӣ пайдо карда, аз ҷониби Ассамблеяи генералии СММ Наврӯз ҳамчун нишонаи тамаддуни ҷаҳонӣ ва ҷашни умумимиллӣ эълон шуд. Ба таъкиди Сарвари давлат: «Воқеан, ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ яке аз маросимҳои писандидаи оламиён мебошад, ки бо сифатҳои башардӯстонааш аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун дастоварди камназири фарҳанги умумиинсонӣ пазируфта шудааст ва бо хусусиятҳои писандидааш, ки некиву накукорӣ, хуррамиву хушҳолӣ, шодмониву нишот ва саодату пирӯзиро талқин мекунад, машҳури олам гардидааст».** Дар шароити кунунӣ Наврӯз ба як василаи муҳимми пайвандгари халқу фарҳангҳо дар ақсои олам табдил ёфтааст. Тавре аз манобеи таърихи бостонӣ бармеояд, Наврӯз рамзи пирӯзии нур ба зулмот, адолат бар ҷаҳолат, зебоӣ бар зиштӣ, покизагию ободонӣ ва бунёдкорӣ мебошад. Боиси сарфарозиву шодмонист, ки ин ҷашни пуршукӯҳ дар тамоми гӯшаю канори Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳисси баланди меҳанпарастиву арҷгузорӣ ба мероси таърихӣ аз ҷониби кулли ҳамватанонамон бо шукӯҳу ҷалоли хосса таҷлил карда мешавад. Ҳамасола дар арафаи ҷашни Наврӯзи хуҷастапай, ки ба оғози фасли нозанини сол – баҳори гулбасар, бедории табиат ва мавсими кишту кор рост меояд, корҳои ободониву бунёдкорӣ ва созандагӣ вусъати тоза пайдо мекунанд.

**Пас, биёед дар арафаи таҷлили ҷашни Наврӯзи оламафрӯз кинаву адоватро аз қалбҳо тоза намоем, ба якдигар оғӯши муҳаббату бародарӣ кушоем ва ҳамчун рамзи садоқат ба Ватани маҳбуб, миллати сарбаланду заҳматқарин ва Пешвои муаззами тоҷикон бо дарки баланди масъулияти шаҳрвандӣ ва қарзи инсонӣ ба корҳои созандагию бунёдкорӣ рӯ оварда, дар ободу зебо гардонидани ҳар як гӯшаи Тоҷикистони азиз саҳм гузорем.**

**Ҳар рӯзатон Наврӯз бод,**
**Наврӯзатон пирӯз бод!**

**Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Муассис: факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

Сармуҳаррир:
Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА
jahon_1967@mail.ru

Муовини сармуҳаррир:
Исмоил ШАРИФЗОДА
Муҳаррир:
Бобоҷон НАИМЗОДА
Тарроҳ:
Акмал ШАРИПОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
**Раҳмон Д.С.**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Абдуллоев П.С.**
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Камолзода И. И.**
дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
**Сулаймонов Ф. С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
**Ватанзода М. М.**
ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;
**Саид Нуриддин Саид**
вазири маориф ва илми ҶТ, профессор;
**Имомзода М. С.**
ректори ДМТ, академики АИ ҶТ;
**Тоҳиров Ф. Т.**
академики АИ ҶТ;
**Маҳмудзода М. А.**
раиси Суди Конститутсионии ҶТ, академики АИ ҶТ;
**Раҳимзода М.З.**
директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, профессор;
**Диноршоев М.**
академики АИ ҶТ;
**Насриддинзода Э. С.**
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 900-55-51-67. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора Исмоил Шарифзода

# АЗ НАВРӮЗ ТО НАВРӮЗ

## (Минбари ҳуқуқшинос 5-сола шуд)

Расо 5 сол муқаддам санаи 19-уми марти соли 2013 фазои иттилоотии кишварро боз як рӯзномаи нав – «Минбари ҳуқуқшинос» комил сохт.

«Минбари ҳуқуқшинос» бори аввал 28 феврали соли 2013 таҳти №0336/рз дар Вазорати фарҳанги ҶТ ба қайд гирифта шуда, 18 марти соли 2016 таҳти №0336/рз аз нав сабти ном шудааст.

«Минбари ҳуқуқшинос» яке аз рӯзномаҳои соҳавӣ ба ҳисоб рафта, он дар асоси қарори Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ифтитоҳ ёфтааст. Ҳадаф ва вазифаҳои асосии «Минбари ҳуқуқшинос» интишори маълумоти илмӣ-назариявӣ, таҳлилҳои ҳуқуқӣ, таблиғи дастовардҳои илмӣ-ҳуқуқии омӯзгорон, олимону аспирантон, докторантон, манбаи иттилоърасонӣ дар факултету донишгоҳ ба ҳисоб рафта, дар он ҳамзамон мақолаҳои кормандони мақомоти давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба нашр расонида мешавад. Ҳамзамон дар рӯзнома раванди таълим ва тарбия дар факултету донишгоҳ инъикос гардида, оид ба паҳлуҳои гуногуни густариши соҳаҳои ҳуқуқ мавод ба табъ мерасад.

Дар таъсиси рӯзнома саҳми ректори ДМТ, академики АИ ҶТ Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ ва собиқ декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин хеле бузург аст.

Нахустшумораш 19 марти соли 2013, дар арафаи ҷашни байналмилалии «Наврӯз» бо теъдоди 1000 (ҳазор) нусха ба табъ расидааст. Дар нахустшумора навгониҳои ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар, мавзӯъҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла нақши эксперт дар кашфи ҳақиқат дар мурофиаи судӣ, қадамҳои навбатӣ бахри омӯзиши ҳуқуқи инсон, манфиатҳои ҶТ бо узвият ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, мушкили муҳоҷирон – надонистани қонун ва забон, озодии виҷдон ва эътиқод, мақолаҳои ҷашнӣ бахшида ба Наврӯз ба нашр расид. Инчунин, иқтибос аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ, мақолаҳои устодони факултети ҳуқуқшиносӣ, сухани табрикии Вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ Саид Нуриддин Саид ва дигар олимону донишмандон ба табъ расида буд.

Дар шумораи 1 (1)-и рӯзнома табрикоти ректори ДМТ, академик Имомзода М.С, мақолаҳои устодони факултети ҳуқуқшиносӣ Насриддинзода Э.С., Искандаров З., Сафаров Б., Саъдизода Ҷ., Сангинов Д., Қодирқулов Х. ва маводи донишҷӯён Сафаралиев Д., Каримова П., Саидов Т., Содиқова Ш. ва Давлатов Н. пешкаши хонандагон гардид.

Ҳайати таҳририяи рӯзнома Раҳмон Д.С. номзади илмҳои ҳуқуқ, декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, Сафарзода Б.А. дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, Маҳмудов И.Т. мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносӣ, Абдуллоев П.С. муовини декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ, Камолзода И.И. дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, Сулаймонов Ф.С. дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ва ҳайати мушоварааш Ватанзода М.М. ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, Саид Нуриддин Саид вазири маориф ва илми ҶТ, Имомзода М.С. ректори ДМТ, Тоҳиров Ф.Т. академики АИ ҶТ, Маҳмудзода М.А. раиси




Суди конститутсионии ҶТ, Раҳимзода М.З. директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, Диноршоев М. академики АИ ҶТ, Насриддинзода Э.С. профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мебошанд.

Рӯзнома моҳе 1-2 маротиба дар ҳаҷми 8-16 саҳифа бо теъдоди 1000 нусха ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад. То имрӯз, яъне 18 марти соли 2017 ҳудуди 59 шумораи рӯзнома ба табъ расид.

Нахустин сармуҳаррири рӯзнома (аз шумораи 1-ум, 19 марти соли 2013 то шумораи 7-ум, 25 декабри соли 2013) Саъдӣ Маҳдӣ буд.

Аз шумораи 8-ум (19 марти соли 2014 то имрӯз) сармуҳаррири рӯзнома Ҷаҳонгир Саъдизода мебошад.

Дар ин 59 шумора рӯзнома тавонист, ки хонандаи худро пайдо кунад ва дар баробари ин шумораи зиёди муаллифонро аз ҳисоби устодон, донишҷӯён, кормандони мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар гирди худ ҷамъ орад ва дар таъмини ҳуқуқи ҳар як шахс ба озодии сухан саҳми худро гузорад. 5-солагӣ муборак ҳаводорони сухан!

**Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА**
**сармуҳаррири**
**«Минбари ҳуқуқшинос»**

# СЕМИНАРИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВИИ НАВБАТӢ



Санаи 11-уми марти соли 2017 дар заминаи кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ семинари илмӣ-назариявии устодони кафедраи мазкур баргузор гардид. Дар семинари мазкур устодон, аспирантон, унвонҷӯён ва донишҷӯён ширкат намуданд.

Устодони кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ бо маърӯзаҳо оид ба мавзӯъҳои «Мақоми одати байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҶТ: масоил ва роҳи ҳалли он» (Қодиров Н.А.); «Мушкилоти ҳуқуқи байналмилалии экологӣ дар замони муосир ва роҳҳои ҳалли он» (Раҳмонзода Ш.К.); «Шартномаи ҳамлу нақли борҳо ба воситаи нақлиёти ҳавоӣ: мушкилот ва роҳи ҳалли он» (Салихов З.И.); «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии намояндагони дипломатии ҶТ» (Идиев Ф.Ф.); «Намудҳои тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» (Саломов И.И.); «Ҳуқуқи гумрукии ҶТ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо» (Саидов Ҳ.Х.) баромад намуданд.

Баъди ҳар як маърӯза муҳокимаҳои тӯлонӣ сурат гирифтанд, ки дар муҳокима устодон Маҳмудов И.Т., Қодирқулов Х.Р., Сулаймонов Ф.С., Сафарзода А.И., Исоев К.М., Азизов У.А., Раҷабов М.Н. ва дигарон иштирок намуда, пешниҳодҳои судманд намуданд. Дар маҷмӯъ таъкид гардид, ки баргузории чунин семинарҳои илмӣ-назариявӣ самараи мусбат дода, пайваста ташкил намудани чунин чорабиниҳо барои рушд ва такмили илми ватанӣ саҳми назаррасе хоҳад гузошт.

**Масъул:**
**Эмомалӣ МИРАЛӢ**

# МАЪНИДОДИ БАЪЗЕ НИШОНАҲОИ ФЕМИДА



Ҳамза БОБОХОНОВ,
ассистенти кафедраи
ҳуқуқи граждани

Ҳар як шахсе, ки касби ҳуқуқшиносиро пешаи худ кардааст, месазад, ки аз чунин истилоҳҳо, ба монанди адолат, адолати судӣ, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ки аслан ифодакунандаи ҳақиқии мазмуну моҳияти ин касби пурмасъул ва пуршараф мебошанд, ба пуррагӣ огоҳ бошад ва ҳамчунин онҳоро дар фаъолияти касбии худ ба инобат гирад. Дар баробари ин намояндагони касби ҳуқуқшиносӣ дорои рамзҳое мебошанд, ки инъикоскунандаи хусусиятҳои зикргардида буда, дар худ моҳияту мақоми ҳуқуқро ифода менамоянд. Яке аз ин рамзҳо Фемида ба ҳисоб меравад, ки анқариб дар тамоми давлатҳо ҳамчун рамзи умумэътирофшудаи касби ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб рафта, ифодакунандаи адолат, махсусан адолати судӣ мебошад. Беҳуда нест, ки дар баъзе давлатҳо ба ифтихору тавсифи рамзи мазкур бархе аз ҷоизаҳои давлатӣ, олимпиадаҳо аз фанни ҳуқуқ, маҷаллаҳои ҳуқуқӣ, инчунин баъзе аз ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки бо мақсади расонидани ёрии ҳуқуқӣ таъсис дода шудаанд, бо номи Фемида номгузорӣ гардидаанд. Дар замони муосир, дар баъзе аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (мақомоти судӣ), факултетҳои ҳуқуқшиносӣ муҷассамаи Фемида ва ё расми овезони онро мушоҳида кардан мумкин аст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар шумораҳои гузаштаи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» устодони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, аз ҷумла декани факултет, дотсент Раҳмон Д.С. дар мавзӯи «Фемида – рамзи адолати судӣ», Абдуллоев П.С. дар мавзӯи «Болға – рамзи адолати судӣ» ва Саъдизода Ҷ. дар мавзӯи «Рашан – рамзи адолати судии тоҷикон» баъзе рамзҳои таърихӣ-ҳуқуқиро, ки ҳамзамон рамзи адолати судӣ ба ҳисоб мераванд, тавзеҳ додаанд. Дар партави суханҳои иброзгардида дар мақолаи мазкур мо кӯшиш намудем, ки якчанд нуқтаи муҳимро дар алоқамандӣ бо таърихи пайдоиши олиҳа Фемида, ба чунин шакл табдилгардии он, алалхусус дар бораи унсурҳои асосии он ибрози андеша намоем ва диққати хонандаи гиромиро ба ин масъала ҷалб созем.

Тибқи асотири Юнони Қадим Фемида ҳамчун олиҳаи адолат, адолати судӣ ба ҳисоб меравад. Юнониҳои қадим бо номҳои гуногун Темис, Темида, Фемида ӯро номгузорӣ мекарданд. Фемида духтари Уран ва Гея ва нисбат ба Зевс бошад, завҷаи ӯ ба ҳисоб мерафт. Ба қавле, ҳамеша дар вақти баровардани адолати судӣ аз ҷониби Зевс дар ҳузури ӯ завҷааш Фемида ва духтараш Дике иштирок менамуданд. Фемида ҳангоми баргузор намудани баррасии қазия ва баровардани адолат аз тарафи рости Зевс қарор мегирифт ва ба ӯ маслиҳатҳои муфид ва қазоваткунанда пешниҳод мекард. Аз ҳамон давраҳо сар карда, юнониҳои қадим Фемидаро ҳамчун рамзи адолат, адолати судӣ эътироф карда, тадриҷан он дар дигар халқу миллатҳои минтақаҳои гуногуни олам низ мавқеи худро дарёфт. Дар тамоми давраҳои таърихӣ Фемида бо шаклҳои гуногун тасвир карда мешуд, аммо дар аксари ҳолат ӯ ҳамчун муҷассамаи зани шоиста, ки пероҳани махсусро ба бар кардааст, дар дасти чап тарозу, дар дасти рост бошад, шамшери тези дутарафа, чашмони баста, дар болои китоб ва бо пойи чапи худ сари морро зеркарда шинохта шудааст. Нуқтаи назаре ҷой дорад, ки дар аввал



рукнҳои асосии Фемида танҳо тарозу ва шамшер будааст. Унсурҳои дигари он бошанд, аз ҷумла пероҳан ва чашмони баста ба олиҳаи римиҳо Юститсия мансуб мебошад, ки тадриҷан ба Фемида низ нисбат дода шудаанд. Андешаи дигар низ ҷой дорад, ки тарозу ва пероҳан аз рамзи аодлати судии тоҷикон – Рашан ба Фемида гузаштааст. Зеро аввалин маротиба доштани тарозу дар даст ва пероҳан (ҷома) бар тан дар тамаддуни тоҷикон дар рамзи адолат Рашан дида мешавад. Ҳамзамон кашфи тарозу низ мансуб ба тамаддуни шарқӣ аст. Вобаста ба масъалаи чӣ гуна ба вуҷуд омадани дигар рукнҳои Фемида, яъне дар болои китоб қарор доштани ӯ ва бо пойи чап зер кардани сари мор дар маъхазҳо иттилооти мушаххас пешниҳод карда нашудааст, аммо мазмун ва моҳияти онҳо то андозае равшан мебошад.

Ба назари аввали бинанда шояд чунин аён гардад, ки муҷассамаи мазкур одӣ буда, дар худ ягон асрореро пинҳон накардааст. Аммо, дар ҳақиқат рамзи Фемида ва унсурҳои он содалавҳона намебошанд. Дар воқеъ, агар ҳар яке аз рукнҳои муҷассамаи мазкур таҳлил карда шавад, ба пуррагӣ мумкин аст мақсаду маром, паҳлуҳои норавшан ва моҳияти аслии он дарк карда шавад. Инак, мепардозем ба таҳлили ҳар яке аз рамзҳои Фемида, ки иборат аз тарозу, шамшер, пероҳани махсус, чашмони баста, китоб ва мор мебошанд.

Чуноне ки маълум аст дар дасти чапи Фемида тарозу овезон мебошад. Аз давраҳои қадим тарозу ҳамчун рамзи адолат, тақвиятдиҳандаи баробарӣ эътироф карда шудааст. Тавассути он гунаҳгорӣ ё бегуноҳӣ, бадӣ ё некӣ, амалҳои бад ва неки инсон бар кашида мешаванд. Ҳамчунин, тарозу аз ҷиддӣ ва воқеӣ будани адолати судӣ шаҳодат медиҳад. Дар дасти чап овезон будани тарозу бесабаб нест, чунки дар тарафи чап қалби инсон чойгир аст, ки адолат ва беадолатиро хуб дарк менамояд ва дил ба ҳақиқат наздиктар аст.

Шамшер дар дасти рости Фемида тасвир ёфтааст, ки аслан он ҷазо додани шахси гунаҳкорро ифода мекунад. Тезии ҳар ду ҷониби шамшер маънои онро дорад, ки қонун на танҳо ҷазо медиҳад, балки огоҳ низ мекунад.

Чуноне дар тасвир омадааст, Фемида пероҳани махсусро ба бар кардааст. Пероҳани мазкур либоси тантанавию маросимие мебошад, ки бо мақсади анҷом додани амали муайян, яъне баровардани адолати судӣ таъйин гардидааст.

Чашмони бастаи Фемида ифодакунандаи нишонаи беғаразист. Маънои асосии чашмони баста дар он аст, ки ҳама шахсон новобаста аз тобеияти динӣ, вазъи молумулкӣ ва миллат дар назди қонун баробар мебошанд. Шахсе, ки адолати судӣ мебарорад набояд ба вазъи молумулкӣ, миллат ва дигар хусусиятҳо эътибор диҳад, балки ҳангоми баррасии қазия диққати асосӣ ба омӯзиши фактҳо, шунидани тарафҳои баҳскунанда дода шуда, дар асоси он ҳукми одилона ва асоснокро барорад.

Чуноне аз тасвир бармеояд, дар назди пойҳои Фемида мор ва сари ӯ бошад, дар болои китоб қарор дорад. Фемида бо пойи чапи худ сари морро зер кардааст. Китоб ва мор нишонаҳои хирадмандӣ, оқилӣ ва донишмандӣ мебошанд. Ҳамчунин, мор маънои ба васваса ва фиреб дода нашудани шахсеро ифода менамояд, ки адолати судиро ба амал мебарорад. Китоб бошад, ба қонун нисбат дода мешавад, ки аз рӯйи он бояд адолат муайян карда шавад. Китоб ва морро ба маъноҳои дигар низ шарҳ додан мумкин аст. Сари морро бо пойи чапи худ дар болои китоб зер кардани Фемида маънои онро низ медиҳад, ки ҳама гуна бадӣ, кирдори бад, ҷиноят танҳо бо қонун бояд пахш карда шавад ва қонун бояд монеи ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо гардад, ки ин ҳамзамон тантанаи адолат ва қонуниятро ифода мекунад.

# РУШДИ АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МУБОРИЗА БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ



**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА**
**мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон**

Дар ҷаҳони муосир терроризм ва экстремизм зуҳуроти номатлубу зишт ва пурдаҳшату хатарафзо буда, барои ҷомеаи башарӣ, сулҳу субот, амнияти давлатӣ ва рушди устувори давлатҳо таҳдиди бевосита менамоянд.

Терроризм яке аз ҷиноятҳои махсусан вазнин буда, дар шакли содир намудани кирдорҳои қасдона, аз қабили таркиш, оташ задан, тирпаронӣ аз силоҳи оташфишон, несту нобуд кардани молу мулк, халалдор сохтани амнияти давлатӣ, ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои низомӣ, тарсонидани шумораи зиёди аҳолӣ, таҷовуз ба ҳаёт ва расонидани зарари ҷисмонӣ ба арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ ё намояндаи ҳокимият бо мақсади суст кардани асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат ва дигар кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, зуҳур меёбад.

Дар радифи терроризм экстремизм низ, яке аз ҷиноятҳои махсусан вазнин буда, дар содир намудани кирдорҳои бо роҳи маҷбурӣ тағйир додани асосҳои сохтори конститутсионӣ ва халалдор сохтани ягонагии давлат, зарар расонидан ба амнияти давлатӣ, ғасб ё тасарруфи салоҳияти ваколатҳои ҳокимияти давлатӣ, ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, ангезонидани муноқишаҳои наҷодӣ, миллӣ, динӣ, инчунин муноқишаҳои иҷтимоӣ, ки ба зӯроварӣ ё даъват ба зӯроварӣ алоқаманд аст ва дигар кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок зоҳир мегардад.

Таърихи инсоният гувоҳи он мебошад, ки терроризм ва экстремизм ҳанӯз аз замонҳои қадим вуҷуд доштанд ва дар шаклу усулҳои гуногун содир мешуданд. Дар охири асри XX дар қатори дигар мушкилот, терроризм ва экстремизм ба зуҳуроти хатарноки умумибашар табдил ёфтанд.

Гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ бо мақсади қонеъ гардонидани манфиатҳои ғаразноки худ ба кирдорҳои гуногуни даҳшатвор, ба монанди бо ваҳшоният ба қатл расониданӣ одамони бегуноҳ, аз ҷумла тифлону кӯдакон ва занону пиронсолон даст зада, бо ин кирдорҳои ғайриинсонии хеш гурӯҳи зиёди одамон ва умуман ҷомеаи ҷаҳонро ба ноором и нигаронӣ мувоҷеҳ месозанд.

Маълумоти ВАО шаҳодати он мебошад, ки махсусан солҳои охир амалҳои террористиву экстремистӣ даҳшатвору бераҳм гардида, хатари ҷиддиро ба мустақилият ва асосҳои сохтори конститутсионии кишварҳои ҷаҳон ба вуҷуд овардаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон дар Иҷлосияи байналмилалии мубориза бо терроризм дар Ҷумҳурии Исломии Эрон соли 2011 гуфта буданд: «Алъон вазъи марбут ба аъмоли террористӣ дар ҷаҳон муташанниҷ боқӣ мемонад. Сарфи назар аз тадбирҳои солҳои охир андешидашуда, дар бахши мубориза бо терроризм, таҳдиди амалҳои нави террористӣ нафақат аз байн нарафтааст, балки афзоиш ёфтааст. Дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон фаъолшавии созмонҳои террористӣ ва ниҳодҳои маблағгузории онҳо ба мушоҳида мерасад. Тибқи маълумоти коршиносони боэътимод имрӯз дар ҷаҳон тақрибан 500 созмонҳои террористии пинҳонкор амал мекунанд. Ҳамасола дар арсаи терроризм дар маҷмӯъ аз 5 то 20 миллиард доллари амрикоӣ сарф карда мешавад. Солҳои охир дар Аврупо, Амрико, Ховари Миёна, Африқо, кишварҳои Балкан, Осиёи Марказӣ ва дигар давлатҳо амалҳои даҳшатноки террористӣ ба вуқӯъ пайвастаанд. Ҳуҷҷат ба баён нест, ки ҷуғрофияи амалҳои бераҳмонаи террористӣ торафт васеъ мешавад. Дар ин хусус амалҳои террористӣ дар Балӣ, Филиппин, соҳилҳои Яман ва манотиқи мухталифи дигар гувоҳӣ медиҳанд».

Имрӯз терроризм ва экстремизм на танҳо ба давлати алоҳида, балки ба тамоми мамлакатҳои ҷаҳон, новобаста аз дараҷаи тараққиёти онҳо таҳдиди бевосита мекунанд. Бинобар ин, тамоми кишварҳои ҷаҳонро зарур аст, ки дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, сулҳу субот, ягонагӣ ва амният, пешгирии сокинони сайёра ва безараргардонии террористону ифротгароён ҷораҳои қатъӣ андешида, қонунгузории кишвари хешро ҷиҳати мубориза бо ин зуҳуроти даҳшатовар такмил диҳанд.

Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ 20 январи соли 2016 таъкид намуданд, ки дар доираи тақвияти мубориза бо терроризм ва экстремизм бояд номгӯи субъектҳои бо онҳо муборизабаранда васеъ ва дақиқ гардонида, дар баробари ин ҷавобгарӣ ва ҷазо барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, ҷиноятҳои хусусияти террористиву экстремистидошта ва хиёнат ба Ватан, шарикӣ дар чунин ҷиноятҳо, аз ҷумла нисбат ба ташкилкунандагон ва шахсони ба онҳо мусоидаткунанда пурзур карда шавад.

Дар робита ба ин, Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои адлия ва корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Маркази миллии қонунгузорӣ вазифадор карда шуданд, ки муқаррароти Кодекси ҷиноятӣ ва дигар қонунҳои дахлдорро вобаста ба ин масъалаҳо ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ карда, оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба онҳо ба Ҳукумат хулосаҳои мушаххас пешниҳод намоянд.

Бояд қайд намуд, ки ба гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ бештар ноболиғон ва ҷавонон, ки яке аз қишрҳои осебпазири ҷомеа мебошанд, ҷалб карда мешаванд, ки ин хеле нигаронкунанда мебошад. Зеро сабабҳои асосии ба ин гурӯҳҳо пайвастани шаҳрвандон, хусусан ноболиғон ва ҷавонон ин паст будани маърифати ҳуқуқӣ, динӣ, аз таълиму тарбия дур мондани онҳо, ҷой доштани камбудиҳои ҷиддӣ дар кори таълиму тарбия ва назорати онҳо дар оила мебошад.

Дар заминаи омилҳои зикргардида, истифода аз алоқаи barқӣ, интернет, аз ҷумла расонаҳои электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ сабабҳои дигаре мебошанд, ки ташкилотҳои террористиву экстремистӣ бо истифода аз онҳо ба паҳн кардани ҳар гуна сабтҳои видеоӣ ва наворҳои таблиғотӣ шахсони алоҳида, хусусан ноболиғон ва ҷавононро ба ҷиҳод ва барҳам додани асосҳои сохтори конститутсионии давлатҳои гуногун даъват менамоянд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба парламенти мамлакат таъкид намуданд: «Муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир омили дигари нигаронкунанда буда, яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории терроризми байналмилалӣ маҳсуб меёбад».

Бо мақсади пешгирӣ карданӣ чунин амалҳо, қонунгузории ҶТ мунтазам такмил дода мешавад ва дар ин самт қонунҳои ҶТ «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи барқӣ» аз 13 марти соли 2016, таҳти №1294 ва №1301 ба имзо расида, пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шудаанд.

Мутобиқи иловаҳое, ки ба моддаҳои 19 ва 20 Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи барқӣ» ворид карда шуданд, ба падару модарон ҳуқуқ дода шуд, ки аз операторон ва провайдерон оид ба истифодабарии хизмати алоқаи барқӣ аз ҷониби фарзандашон маълумоти дахлдорро ба таври ройгон гиранд. Ҳамзамон, операторон ва провайдерон вазифадор шуданд, ки ба падару модарон маълумотро дар бораи истифодаи хизмати алоқаи барқӣ аз ҷониби фарзандашон ройгон пешниҳод кунанд.

Дар асоси сархати сездаҳуми моддаи 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» падару модарон уҳдадор карда мешаванд, ки аз тарафи фарзанд мақсаднок ва мувофиқ ба таълиму тарбияи ӯ истифода шудани интернетро назорат намоянд.

Иловаҳои зикргардида ба қонунҳои ҶТ «Дар бораи алоқаи барқӣ» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар вазъияти муташанниҷи авзои сиёсии ҷаҳон, саривақтӣ ва зарурӣ буда, барои тақвият бахшидан ба масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд кӯмак менамояд ва ҷиҳати пешгирӣ намудани пайвастшавии ноболиғон ва ҷавонон ба ҳар гуна гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ мусоидат мекунад.

Гузашта аз ин, бо Фармони Президенти ҶТ аз 12 ноябри соли 2016, №776 Стратегияи миллии ҶТ оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 тасдиқ карда шуд. Стратегияи мазкур ҳамчун санади хусусияти барномавидошта мақсад, вазифа ва самтҳои асосии сиёсати давлатии ҶТ-ро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян менамояд.

Дар самти мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм Кодекси ҷиноятии ҶТ низ мунтазам такмил дода мешавад. Бо мақсади пешгирӣ ва коҳиш додани ҷиноятқорӣ, пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани кирдорҳои ҷиноятӣ ба муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат, шахсоне, ки ба терроризм ва ифротгароӣ мусоидат мекунанд, инчунин ҷорӣ намудани механизми босамари ҳифз ва таъмини амнияти миллӣ, пешгирӣ намудани шомилшавии шаҳрвандон ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ба моддаҳои 179 (Терроризм), 179[3] (Даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ), 305 (Хиёнат ба давлат), 306 (Бо зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият ё бо зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият), 307 (Даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии ҶТ), 307[1] (Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм), 307[2] (Ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ), 307[3] (Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва 307[4] (Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта)-и Кодекси ҷиноятии ҶТ тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шуданд.

Пӯшида нест, ки дар сафи созмону гурӯҳҳои мусаллаҳи террористиву экстремистӣ дар қаламрави давлатҳои Афғонистон, Сурия ва Ироқ дар қатори шаҳрвандони дигар давлатҳо, шаҳрвандони ҶТ низ ҳастанд ва ҳатто онҳо бо занону фарзандонашон дар майдони ҷанг қарор доранд.

Аз ин рӯ, ҳанӯз 26 июли соли 2014, таҳти №1088 аз ҷониби Президенти ҶТ Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудаи тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии ҶТ» ба имзо расид, ки мақсади бевоситаи он иборат аз тарғиби ҷавонон ба тарзи ҳаёти солим ва пешгирии онҳо аз ҳамроҳшавӣ ба гурӯҳҳои экстремистӣ мебошад.

Мувофиқи Қонуни мазкур ба Кодекси ҷиноятии ҶТ моддаи нав, яъне моддаи 401[1] илова карда шуд, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷалб ва иштироки ғайриқонунии шаҳрвандони ҶТ ва шахсони бешаҳрванд дар воҳиди мусаллаҳ, задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати аз дувоздаҳ то бист сол муқаррар мекунад.

Вазъи мураккаби бамиёномада, таҳдиду хатарҳои нави терроризм ва экстремизм, ҷаҳонигардии ин зуҳурот моро водор месозанд, ки дар пешгирӣ ва решакан кардани онҳо якҷоя бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат мубориза барем ва хушёрию зиракии сиёсиро аз даст надиҳем.

# ДОНИШҶӮИ ФАКУЛТЕТ – БАРАНДАИ ҶОМИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲО



Рӯзҳои 10-11-уми марти соли 2017 бо ташаббусу ибтикороти Академияи илмҳои ҶТ олимпиадаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ барои дарёфти «Ҷоми Академияи илмҳои ҶТ» баргузор гардид. Дар он зиёда аз 300 донишҷӯёни зинаи бакалавр ва мутахассиси курсҳои 1-5-ум бо намояндагии 28 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар аз рӯи 12 соҳаи илм (математика, физика, астрономия, химия, геология, биология, иқтисодиёт, технологияҳои иттилоотӣ, забон ва адабиёти тоҷик, таърих, фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ) иштирок намуданд.

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ-ро дар олимпиадаи мазкур аз фанни ҳуқуқ донишҷӯи соли 5-уми шуъбаи рӯзона Сафаралиев Далер Саидаҳтамович муаррифӣ намуд. Боиси ифтихору сарфарозист, ки номбурда баъд аз ҷамъбасти даври ниҳоии олимпиада бо соҳиб шудани аксарияти холҳои умумии муқарраргардида миёни дигар иштирокчиён ғолибиятро ба даст оварда, сазовори ҷойи якум гардид. Мо аз он шарафмандем, ки солҳои охир донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ бо дарки баланди масъулият дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, мақомҳои ифтихориро ишғол менамоянд.



Садорат, ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ пирӯзии навбатиро ба донишҷӯи соли 5-уми шуъбаи рӯзона Сафаралиев Далер Саидаҳтамович самимона табрику шодбош гуфта, ба ӯ саломативу сарбаландӣ, бахту саодат, ободиву осоиш, хушҳоливу хушрӯзӣ, иқболи баланду комёбиҳои нав ба навро таманно менамоянд.

**Масъул:**
**Хуснуддин САИДЗОДА**

# ДАҲСОЛАИ НАВИ АМАЛ «ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР» – ТАШАББУСИ СОЗАНДА



**Манучеҳр СОҲИБНАЗАРЗОДА**
сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ

ҶТ чун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ҳанӯз аз лаҳзаҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шуда, аз он лаҳза то ба ҳол дар пешрафт ва инкишофи муносиботи байналмилалӣ саҳми худро гузошта истодааст.

Ёдовар бояд шуд, ки 21 декабри соли 2016 зимни ҷаласаи пленарии Маҷмаи Умумии СММ Қатъномa таҳти унвони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028, ки бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешбарӣ шуда буд, тасдиқ гардид.

Маҷмаи Умумии СММ бо қарори нави худ иқдоми Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро оид ба эълони Даҳсолаи «Об барои рушди устувор», ки бори нахуст дар Форуми ҷаҳонии об дар Ҷумҳурии Корея ироа шуда буд, дастгирӣ кард.

Мутобиқи Қатъномаи қабулшуда, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» рӯзи 22 марти соли 2018 (Рӯзи байналмилалии захираҳои об) оғоз ёфта, 22 марти 2028 ба итмом мерасад. Даҳсолаи мазкур дар рушди устувор ва мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои об, татбиқ ва пешбарии лоиҳаҳо ва барномаҳо дар соҳаи об, таҳкими ҳамкориҳо ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои рушди устувори марбут ба захираҳои об мусоидат намуда, масъалаҳои таҳкими самаранокии истифодаи захираҳои об ва ҳамгироии байни захираҳои об, ғизо, энергия ва муҳити зистро фаро мегирад. Инчунин Қатъномаи қабулшуда мудирияти ҷараёни тадорукот ва татбиқи Даҳсолаи мазкурро ба уҳдаи Дабири кулли СММ вогузор менамояд.

Қобили зикр аст, ки Ҳукумати ҶТ бо роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон танҳо вобаста ба масъалаҳои об то ин дам чунин ташаббусҳоро пешбарӣ намудааст, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шудааст:

- Пешниҳод дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии СММ (1 октябри 1999) - эълон намудани соли 2003 - Соли оби тоза. Дар асоси ин ташаббус 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи Умумии СММ соли 2003 ҳамчун соли байналмилалии оби тоза эълон карда шуд, ки доир ба он аз 29 август то 1 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид.

- Пешниҳод оид ба эълон намудани солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», ки 23 декабри соли 2003 Маҷмаи Умумии СММ дар асоси Эъломияи Душанбе Қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2005-2015-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» эълон кард.

- Пешниҳод оид ба таъмин намудани кишварҳои Осиёи Марказӣ бо оби тоза тавассути таъсис додани Консортсиуми байналмилалӣ доир ба истифодаи оби кӯли Сарез.

- Ташаббус оид ба Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо. Ин масъала аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми 3-юми ҷаҳонӣ доир ба иқлим 31 август - 4 сентябри соли 2009 дар ш. Женева, сипас дар Конфронси 15-уми ҷонибҳои Конвенсияи СММ оид ба тағйироти иқлим дар Копенгаген 7-8 декабри соли 2009 пешниҳод гардида буд.

- Эълон намудани соли 2013 - Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об (20 декабри 2010). Тибқи ташаббуси мазкур 20-21 августи соли 2013 Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об дар ш.Душанбе баргузор гардид, ки дар кори он намояндагиҳои ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва намояндаҳои давлатҳои ҷудогона ширкат варзида, вобаста ба паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои оби ошомиданӣ маърӯзаҳои дахлдор пешниҳод намуданд.

- Ниҳоят қабул шудани қатъномаи СММ доир ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» аз 21 декабри соли 2016 барои солҳои 2018-2028.

Итминони комил дорем, ки ташаббуси даҳсолаи нави Ҳукумати ҶТ дар соҳаи об дар амалӣ намудани иқдомҳои дигари марбут ба захираҳои об ва дастовардҳои Даҳсолаи қаблии «Об барои ҳаёт», аз ҷумла фаъолияти Панели сатҳи баланд оид ба захираҳои об мусоидат карда, дар ҳалли мушкилоти имрӯза ва оянда, ки зимни татбиқи Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 ба миён меоянд, нақши назаррас бозида, бахри рушди бемайлон ва устувори соҳа мусоидат карда метавонад.

# ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ



Азимҷон ҶУРАЕВ
донишҷӯи соли 4

Боиси ифтихор ва саодатмандист, ки мо ҷавонон дар Паёми имсолаи Президенти ҶТ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҶТ" дар толори калони "Кохи Сомон" дар қатори аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ва дигар ҳайати расмӣ ширкат варзидем. Президенти кишвар дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ, самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро барои давраҳои оянда муайян намуда, барои таъмини пешрафти соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию давлатӣ вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштанд. Бояд қайд кард, ки пешрафти тамоми бахшҳои зиндагӣ ва соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию давлатӣ аз дуруст ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия вобастагии амиқ дорад. Ин аст, ки Пешвои миллат дар Паёми имсолааш ба ин масъала диққати махсус доданд.

Аз ҷумла Пешвои миллат қайд намуданд, ки дар ҶТ 39 муассисаи таҳсилоти олӣ бо 170 ҳазор донишҷӯ фаъолият мекунанд, ки дар муқоиса бо даврони Шӯравӣ хеле зиёд аст. Зеро он замон дар ҷумҳурӣ 13 муассисаи таҳсилоти олӣ бо 70 ҳазор нафар донишҷӯ вуҷуд дошт.

Қобили зикр аст, ки дар кишварамон сол то сол теъдоди муассисаҳои таълимӣ зиёд шуда истодаанд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 161 муассисаи типи нав, аз ҷумла 85 гимназия ва 65 литсей фаъолият дошта, 9 мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат мавриди истифода қарор дода шудааст, ки дар онҳо ҳамаи шароити муосири таълиму тарбия муҳайё мебошад.

Дигар оморе, ки дар Паём ироа гардид, хеле диққатҷалбкунанда аст. Пешвои миллат қайд намуданд, ки зиёда аз 30 ҳазор нафар ҷавонони лаёқатманди мо аз ҳисоби давлат дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ таҳсил мекунанд. Онҳо баъди хатми донишгоҳ ба Ватан баргашта, донишҳои азхудкардаашонро барои рушди кишвар дар амал татбиқ менамоянд.

Аз солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар ҶТ ба низоми маориф диққати махсус дода мешавад. Аз ҷумла: "Танҳо дар доираи «Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015» дар соҳаи маориф аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ шумораи муассисаҳои таълимии аз хонаҳои шахсӣ ва вагонҳо пурра баровардашуда, азнавсозӣ ва бунёдгардида беш аз 800 ва маблағи умумии барои ин кор сарфшуда 600 миллион сомониро ташкил медиҳад". Ин аст, ки дар замони Истиқлолияти давлатӣ сатҳу сифати таълиму тарбия баланд гардида, сол аз сол беҳтар мегардад. Барои боз ҳам беҳтар намудани таълиму тарбия Президенти кишвар дар назди масъулони соҳа вазифаҳои мушаххас гузоштанд, чунончи: "Дар шароити кунунӣ баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот вазифаи аввалиндараҷаи кормандони соҳаи илму маориф мебошад. Ҳарчанд ки дар ин самт натиҷаҳои муайян ба даст омадаанд, вале онҳо ҳанӯз қонеъкунанда нестанд. Барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия моро зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус, дар зинаи таҳсилоти касбӣ, на ба шумора, балки ба сифати он диққати ҷиддӣ дода, мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро тарбия намоем".

Воқеан, таълиму тарбия дар ҳаёти инсонӣ аҳамияти бузург дорад. Маҳз таълиму тарбия буд, ки инсоният ба чунин сатҳи тамаддуни баланд расид. Ниёгони мо нақши бузурги таълиму тарбияро аз замонҳои пеш дарк намуда, дар осор ва ашъори онҳо дар мавриди таълиму тарбия андешаҳои ҷолиб ва мафтункунанда мавҷуд аст, ки аз бузургию донишмандӣ ва таваҷҷуҳи эшон ба таълиму тарбия гувоҳӣ медиҳад. Фирдавсии бузургвор арзишмандии илму донишомӯзиро ба инобат гирифта, ҳатто ҷони одамиро зинда ба илм, яъне таълим медонад:

**Тан ба ҷон зинда аст,**
**ҷон зинда ба илм,**
**Дониш андар кони**
**ҷонат гавҳар аст.**

Дуруст ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия аз омӯзгор, падару модар вобастагии калон дорад. Ба қавли мавлоно Ҷомӣ:

**Хӯи неку гирад он, к-аз нек**
**ёбад тарбият,**
**Шири ҳикмат нӯшад он,**
**к-уммулкитобаш модар аст.**

Бо мақсади баҳраманд шудан аз ин осори гузаштагони хеш, ки ҳамагӣ фарогири таълиму тарбия ҳастанд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати оқилонаеро пеша намудаанд, ки дар Тоҷикистон ҳар сол бузургдошти шахсиятҳои бузург дар сатҳи ҷумҳурӣ ҷашн гирифта мешавад, то ин бузургворон барои мардуми шарифи кишвар дар ҳар заминае улгӯи ва роҳнамо бошанд. Масалан "Соли тамаддуни орийӣ", "Соли Ҷалолиддини Румӣ", "Соли Рӯдакӣ", "Соли бузургдошти Имоми Аъзам", "Соли маориф ва фарҳанги техникӣ", "600-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ" ва дигарон.

Бояд қайд кард, ки доштани бузургон камол ва ифтихор дар ҳоле аст, ки ба монанди зиндагӣ ва рафтору ахлоқи бузургонамон зиндагӣ кунем.

Инчунин, дар Тоҷикистони азиз бо мақсади боз ҳам дар сатҳи олӣ қарор додани таълиму тарбия ҳанӯз соли 2011 Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардид. Мувофиқи ин қонуни миллӣ таълиму тарбияи фарзанд вазифаи падару модар, омӯзгор, давлат ва ҷомеа мебошад, ки омӯзиш ва риоя намудани меъёрҳои қонуни зикргардида муҳим аст. Дар Паёми имсола Президенти кишвар бевоста ба омӯзиши ҳатмии Конститутсия ва қонунҳои ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар доираи барномаҳои муассисаҳои таълимӣ дастур додаанд, ки ин тадбир боз ҳам барои баланд бардоштани фарҳанг ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат намуда, масъулиятро дар самти таълиму тарбияи наврасону ҷавонон зиёд менамояд.

Имрӯз волидайн, муаллимин ва ҷомеаро зарур аст, Паёми Президенти ҷумҳуриро дастурамали кору фаъолияти хеш қарор диҳанд ва барои боз ҳам ҷоннок кардани таълиму тарбия камари ҳиммат банданд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дар Паёми имсола аз устодону омӯзгорон ва падару модарон талаб карданд, ки диққати наврасон ва хонандагону донишҷӯёнро барои аз бар намудани донишҳои муосир ҷалб намоянд, ба сатҳи азхудкунии фанҳои дақиқ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кунанд, забонҳои хориҷӣ ва омӯзиши технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро ба роҳ монанд ва ба касбомӯзии шогирдону фарзандон эътибори ҷиддӣ дода, онҳоро дар рӯҳияи донишомӯзиву меҳнатдӯстӣ тарбия намоянд.

Бузургони мо мефармоянд, ки агар падару модар ва ҷомеа мехоҳанд наврасону ҷавононашон бо таълиму бо тарбият ва муфид барои ҷомеа бошанд, бояд аввал падару модар, муаллим ва дӯстони хуб дошта бошанд.

Падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд нақши муассир доранд, чунки инсон аввал аз оила ба ҷомеа қадам мегузорад. Оилае, ки худ бо таълиму бо тарбия бошад фарзандонашон низ чунин хоҳанд буд. Барои болобурди нақш ва устувории оила дар ҷумҳурӣ "Соли оила" (2015) эълон гардид. Падар бояд дар оила бо таълиму тарбияи олӣ намунаи хонадон бошад. Нақши модар дар таълиму тарбия афзалиятнок аст, аз ин лиҳоз духтарон низ дар баробари ҷавонон бояд ба таълиму тарбия фаро гирифта шаванд. Вобаста ба ин Пешвои миллат ҳар сол барои дохил шудани ҷавонон, хусусан духтарон ба мактаби олӣ квотаҳо ҷудо мекунанд ва ин тадбири нек барои таълиму тарбияи наслиояндаи миллат манфиатнок аст. Имрӯз бояд занҳои миллати мо ба бузургзанони гузаштаи худ пайравӣ кунанд, барои он ки шуғли асосии зани тоҷик дар гузашта дар баробари хонадорӣ мураббигӣ ва муаллимӣ буд, ки аз онҳо фарзандони бузурге чун Исмоили Сомонӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Мавлонои Рум, Ҷомӣ, Восеъ, Айнӣ, Нусратулло Махсум ва даҳҳо шахсиятҳои бузург аз МИЛЛАТИ ТОҶИК ба камол расидаанд. Воқеан ҳам падару модар ба монанди сутун дар оила мебошанд ва бояд онҳо сутун будани худро эҳсос кунанду барои таълиму тарбияи хонадони худ ба ҳар қимате ҳам бошад, саъю кӯшиши хешро дареғ надоранд.

Муаллимин на танҳо дар таълиму тарбияи наврасону ҷавонон, балки дар рушди давлату ҷомеа нақши арзишманд доранд. Имрӯз дар ҷомеаи мо муаллимини ғамхор ва мақсадашон таълиму тарбия додани наврасону ҷавонон хеле зиёданд. Дар баробари ин, муаллимонеро воҳӯрдан мумкин аст, ки ба кори худ содиқ нестанд ва ба номи бузурги муаллим иснод меоранд. Муаллим сармояи миллӣ мебошад ва ин сармояҳо дар ҷомеаи мо бояд такмил ёбанд, агар хидмату заҳмати муаллим дар ҷомеа ва таълиму тарбия эҳсос нашавад, яқинан он ҷомеа рӯ ба гумроҳӣ меорад ва ё аз инкишоф боз мемонад. Хушбахтона дар ДМТ, хусусан дар факултаи ҳуқуқшиносӣ таълиму тарбия дар сатҳи олӣ ба роҳ монда шудааст ва тамоми санҷишу имтиҳонҳо ба воситаи компютер ва технологияҳои замонавӣ гузаронида мешаванд, ки ин тадбир барои беғаразу адолатнок гузаштани санҷишу имтиҳонҳо кӯмак менамояд.

Нақши ҷомеа дар таълиму тарбия басо бузург аст. Ҷомеае рушд ва пешрафт мекунад, ки агар ҳар як субъекти он дар тамоми заминаҳо дӯшодӯши якдигар барои таълиму тарбияи насли наврас амал кунанд.

Мо ҷавонон, ки ҷузъи фаъоли ҷомеа мебошем ин ҳама таваҷҷуҳ ва боварии роҳбари давлат моро водор менамояд, ки дар сатҳи олӣ бо таълиму тарбия фарогир гардему зиракии сиёсиро дар ҳама ҳол ва ҳама ҷо аз даст надиҳем. Пешвои миллат дар Паёми имсолааш қайд карданд: "Аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, неруи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса,ояндаи миллат ва давлат мебошанд". Мо ҷавонон, киояндаи миллату давлатамон ҳастем, бояд пеш аз ҳама бо ҳисси баланди миллӣ арзиши бузурги Истиқлолият, Ватан, озодӣ ва давлатдории миллиро дониста, бикӯшем, ки давлатдории миллии хешро барои асрҳои оянда ба таври шоиста мерос гузорем. Мо, ҷавонон, сарфароз аз онем, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат аз мо бо ифтихор суҳбат менамояду бо боварии зиёд манфиатҳои моро дар madди аввал мегузорад ва мо бояд ин хушдории Пешвои миллатро шиори ҳамарӯзаи хеш қарор диҳем: "Ҷавонони мо дар ҳар ҷое ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд".

Соли 2017 эълон гардидани "Соли ҷавонон" аз яктараф, барои мо ҷавонон таваҷҷуҳ ва меҳру муҳаббати Президенти ҷумҳурӣ ва Ҳукумати кишварро инъикос намояд, аз тарафи дигар, дар баробари саодатмандӣ ва хушҳолӣ, масъулияти моро дучанд мегардонад. Мо ҷавонон вазифадорем, ки барои дурахшидани давлату миллати Тоҷикистони азиз дар ҷаҳон бо ҳисси баланди миллӣ саъю кӯшишро ба харҷ диҳем.

# РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ САЙЁҲӢ

## (ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ)



Хуршед КАРИМОВ
ассистенти кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва тиҷорат

Дар пешрафту дастовардҳои истиқлолият, пеш аз ҳама, нақши Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назаррас мебошанд. Паёми Пешвои миллат барномае барои рушди кишвари азизамон буда, натиҷаҳои фаъолияти кории як соли гузаштаро мавриди баррасӣ қарор дода, аз тарафи дигар, барномаҳои заруриро барои як соли дигар ба миён мегузорад. Пешвои миллат дар Паёми худ самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷӣ, пешрафту инкишофи соҳаҳои гуногунро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад.

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ, ки 22-юми декабри соли ҷорӣ сурат гирифт, бори дигар таъкид гардид, ки мо бояд тамоми саъю талоши худро барои рушди соҳаи сайёҳӣ равона созем.

Ҳукумати ҶТ ба соҳаи сайёҳӣ диққати ҳамаҷониба дода, барои рушди минбаъдаи он заминаҳои заруриро фароҳам меорад. Ҳоло дар Тоҷикистон барои шаҳрвандони зиёда аз 80 кишвар низоми соддакардашудаи раводид ҷорӣ карда шудааст. Дар натиҷа шумораи сайёҳон дар се соли охир мунтазам афзоиш ёфта, ду баробар, аз 207 то 414 ҳазор нафар зиёд гардидааст.

Президенти кишвар дар суханронии худ дар маросими ифтитоҳи анҷумани тиҷоратию иқтисодӣ дар Пекин 16-уми январи соли 2007 сайёҳиро соҳаи афзалиятнок барои пешрафти давлат ҳисобида, баён карданд, ки Ҳукумати ҶТ барои тараққиёти минбаъдаи он пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Сайёҳӣ барои мамлакати мо омили муҳимтаринест, ки обрую эътибори кишварро баланд бардошта, мароқи сармоягузориро зиёд намуда, барои ташкили ҷойҳои иловагии корӣ дар мамлакат мусоидат мекунад.

Тоҷикистон соҳиби сарзамини пурганҷ, мардуми меҳмоннавоз, кишвари аз нигоҳи иқлим, боду ҳаво, манзараҳои табиат, кӯҳҳои осмонбӯс, пиряххои азим, обҳои шифобахш, кӯҳҳо ва чашмаҳои оби мусаффо, ҳайвоноту наботот ва урфу анъанаҳои мардумии дар олам нотакрор ва макони беҳтарини сайру саёҳат мебошад. Вобаста ба ин зарур аст, ки бо мақсади боз ҳам инкишоф додани соҳаи сайёҳӣ истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда, дар ин самт беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ, мукаммал гардонидани танзими давлатии сайёҳӣ оид ба таъмини бехатарии сайёҳон дар минтақаҳои туристӣ ва ҷалби ҳарчи бештари сармоя дар ин самт ба роҳ монда шавад.

Мақомоти соҳавӣ оид ба танзими муносибатҳои сайёҳӣ Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ буда, функсияҳо оид ба таҳияи сиёсати ягонаи давлатӣ ва танзими меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҷавонон, рушди тарбияи ҷисмонӣ ва туризмро анҷом медиҳад.

Мақсади асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ ин таъмин намудани шароити мусоиди ҳуқуқӣ барои ташкили фаъолияти самарабахши субъектҳои фаъолияти туристӣ ва дар ин замина таъсиси бозори самаранок ва рақобатпазири туристӣ дар ҶТ мебошад, ки имконотро барои қонеъ гардонии талаботи шаҳрвандони дохилӣ ва хориҷӣ ба хизматрасониҳои мухталиф ва сифатноки соҳа таъмин менамояд.

Дар ҷаҳон айни ҳол зиёда аз 200 ташкилотҳои байналмилалии сайёҳӣ ба қайд гирифта шудааст, Ба монанди: Федератсияи байналмилалии ассотсиатсияҳои агентиҳои сайёҳӣ, ассотсиатсияҳои байналмилалии меҳмонхонаҳо, ассотсиатсияҳои Осиё-Уқёнуси Ороми сайёҳӣ, ташкилоти байналмилалии матбуоти сайёҳӣ ва ғайра.

Ташкилотҳои сайёҳӣ қувваи худро баҳри қабули регламентҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, омӯзиши мушкилоти соҳаи сайёҳӣ, коркарди тавсияҳои муҳим барои рушди сайёҳӣ равона намудаанд.

Масъалаи дигари соҳаи сайёҳӣ, ки муайянкуниро металабад, ин таъмини бехатарии сайёҳон дар қаламрави ҶТ мебошад. Мутобиқи банди 5 қисми 2 моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи туризм» субъектони фаъолияти туристӣ вазифадоранд бехатарии туристон ва нигоҳдории амволи онҳо, муҳайё намудани шароити амният барои кори туристӣ, омӯзонидани қоидаҳои амниятӣ, расонидани ёрии таъҷилиро ба туристон таъмин намоянд. Ҳамзамон онҳо мувофиқи қонунгузории ҶТ барои зарари ба туристон расонидашуда ҷавобгар ҳастанд. Мувофиқи моддаи 16-и Қонуни мазкур сайёҳон вазифадоранд қоидаҳои шахсии бехатариро ҳангоми сайёҳат риоя намоянд. Инчунин, намудҳои зерини ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст: ҷавобгарии граждани; ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ.

# КОРРУПСИЯ – ДОҒИ ҶОМЕА



Салим ҲАИТОВ
донишҷӯи соли 2
(ФҲҲ)

Коррупсия яке аз зуҳуроти номатлуби ҷомеаи имрӯза ба ҳисоб рафта, таърихи қадима дорад. Мутаассифона то имрӯз дар байни бисёр халқу миллатҳо ин амали зишт дида мешавад. Агар пояи ҳокимият пӯлодвор мустаҳкам бошад ҳам, ин зуҳуроти номатлуб онро оҳиста-оҳиста хароб месозад.

Аз сабабе ки коррупсия мушкилоти мубрами қарни XXI дониста шудааст, диққати як катор давлатҳо ва созмонҳои умумиҷаҳониро, ба мисоли СММ ба худ ҷалб намудааст. Барои пешгирӣ аз ҳама гуна ҷинояту ҷинояткорӣ ва мубориза беамон бо коррупсия 31-уми октябри соли 2003 Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия қабул гардид. Бо назардошти аҳамиятнокии масъалаи мазкур аз соли 2003 бо ташаббуси Маҷмаи кулли СММ 9-уми декабр ҳамчун рӯзи мубориза бо коррупсия дар тамоми ҷаҳон эълон гардид.



ҶТ низ ба ҳуҷҷати мазкур 25-уми сентябри соли 2006 имзо гузоштааст ва он аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар 16-уми апрели соли 2008 тасдиқ гардид.

Баъд аз соҳибистиқлол гаштани ҶТ дар қатори дигар душвориҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсӣ проблемаи коррупсия низ дида мешуд. Чи тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи Истиқлолияти давлатӣ 8 сентябри соли 1997 иброз намудаанд: «Барои мо муҳим аст, ки барои хотима ёфтан ба порахӯрӣ, талаву тороҷ кардани амволи давлатӣ, амвол ва саҳмияҳои халқ ва дигар ҷиноятҳои вазнин ба ягон кас, ба ягон мансабдор, сарфи назар аз обрӯ ва заҳматҳои қаблӣ сустқавлӣ нанамоем. Ин ақидаро бо масъулияти бузург изҳор намуда, кушода мегӯям: давлат барои хиёнати иқтисодӣ, амалҳои зиддиконститутсионӣ, поймолкунии манфиатҳои халқ ва миллат ягон касро намебахшад».

Аз ҳамин сабаб бори нахуст Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10 декабри соли 1999 қабул карда шуд, ки барои мубориза ба ин падидаи номатлуб нақши муҳим бозид. Сипас, соли 2005 Қонуни нав «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ қабул карда шуд. Бо мақсади муборизаи бевосита бо коррупсия дар мамлакат ва муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои зидикоррупсионии давлат, ба мубориза ҷалб намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди коррупсия бо Фармони Президенти ҶТ аз 10 январи соли 2007 мақомоти махсусгардонидашудаи зиддикоррупсионӣ – "Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ" таъсис ёфт.

Бо фармони Президенти ҶТ 30 августи соли 2013 Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар ҶТ барои солҳои 2013-2020 тасдиқ шуд. Ҳадаф аз ин тадбирҳо пешгирӣ намудани ҳодисаҳои суистифода аз мансаб, тасарруфи моликияти давлатӣ, ришвасitонӣ ва дигар зуҳуроти номатлуб тавассути таҳлили хавфҳои коррупсия ва пешгирии бархӯрди манфиатҳо мебошанд.

Нақши Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ дар навбати худ барои пешгирӣ намудани амалҳои хусусияти коррупсионидошта бағоят калон буда, инчунин дар амалисозии қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ, иҷрошавии дастуру супоришҳои Президенти кишвар, аҳамияти махсус дода, аз ҳамаи воситаю имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, муборизаро дар ин самт пурзӯр менамояд ва бо ин роҳ шаффофияти фаъолияти худро таъмин мегардонад.

# ТААССУРОТ АЗ ВОХӮРӢ БО

***Ҷашни фархундаи рӯзи модар дар кишвари мо ҳамасола бо иштирок ва табрикоти самимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тантанавор таҷлил мегардад. Санаи 7-уми марти соли ҷорӣ дар муассисаи давлатии Кохи Борбад Пешвои миллат табрикоти самимонаи худро ба ҳамаи бонувону модарон ироа намуд, ки бонувони ҷавони факултети ҳуқуқшиносӣ низ дар он ҷо ширкат доштанд. Таассуроти онҳоро аз ин вохӯрӣ пешкаши хонандаи гиромӣ месозем:***



**Ситора РИЗОЕВА**
**н. и. ҳ. ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

Тавре медонем, мубориза баҳри озодӣ ва баробарҳуқуқӣ зиёда аз якуним аср пеш оғоз шуда буд. Дар тӯли ин солҳо занон чандин маротиба барои баробарҳуқуқии худ намоиш ва роҳпаймоиҳои осоишта ташкил намуда буданд. Аз солҳои 60-уми асри гузашта сар карда, дар Иттиҳоди Шӯравӣ рӯзи занон ҳарсола санаи 8-уми март бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта мешавад ва ин анъанаи нек то имрӯз идома дорад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин сана ҳамчун рӯзи «Иди модар» ҷашн гирифта мешавад. Дар баромади пурмуҳтавои худ Президенти кишвар тамоми ҷанбаҳои ҳаёти модаронро таҳлил намуда, мақому манзалати зан-модарро ба оламиён бори дигар муаррифӣ намуд.

**Наргис ХОҶАЕВА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

Таваҷҷуҳи хоссаи Сарвари давлат нисбат ба зан-модар, олиҳаи ҳусн дар ҳамаи чорабиниҳо амиқан эҳсос карда мешавад. Вале дар чорабиние, ки бахшида ба рӯзи «Иди модар» санаи 7- уми марти соли равон дар Кохи Борбад баргузор гардид, гиромидошти ин



фариштаи меҳр аз ҷониби Пешвои миллат ба таври бениҳоят хосса иброз карда шуд.

Зимни суханронии Сарвари давлат диққати асосӣ ба дастгирӣ намудани ҷинси латиф ва таъмини иштироки васеи онҳо дар идоракунии давлатӣ бори дигар қайд карда шуд.

**Рухсора МИРБОБОЕВА**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

Аз ҳар як суханронии пурмуҳтавои Пешвои миллат мо ҳиссиёту ақидаҳои



гуворое бардоштем ва албатта ин моро водор месозад, ки дар рушди ҷомеаи навину демократии ҶТ аз лиҳози донишу хирад, заковату ақл, маданият ва тарбия намудани насли ҷавон хоссатан фарзандони хеш беш аз пеш таваҷҷуҳ зоҳир намоем.



**Фарангис ҚАНОАТОВА**
**танзимгари шуъбаи рӯзона**

Суханоне, ки Пешвои муаззами миллати мо дар васфи зан-модар ироа намуданд, бори дигар шаҳодати аёни он аст, ки Сарвари давлат баҳри пешбурди сиёсати хирадмандонаи хеш дарк намудани ҳастии миллӣ ва тарбия намудани насли аз ҷиҳати заковат қавӣ боз ҳам бештар такя ба зан-модар мекунанд.



**Фарида ХОЛОВА**
**танзимгари шуъбаи рӯзона**

Нақши калидии зан-модар дар маркази таваҷҷуҳи Сарвари давлати мо қарор дошт ва дорад. Аз ин ҷост, ки гиромидошти зан-модар ҳар сол пуршукӯҳ ҷашн гирифта мешавад. Нақши зан дар пешбурди ҷомеа сол аз сол дар ватани маҳбуби мо меафзояд.



**Муборак САФИЕВА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

Рӯзи 7 март Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Кохи Борбад бахшида ба Рӯзи модар чун анъана бо бонувони фаъоли кишвар мулоқот доир намуданд. Пешвои миллат модарро офарандаи ҳаёт, пайвандгари наслҳо, сарчашмаи меҳру муҳаббат номиданд. Сабаби дар сатҳи давлатӣ ва шукӯҳи хосса ҷашн гирифтани рӯзи модарро Президенти кишвар нишонаи эътибору эҳтироми зиёди давлат ва Ҳукумати кишвар нисбат ба занону модарон арзёбӣ намуданд.



**Рухшона ХОҶАЕВА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

Саҳми бонувон дар идоракунии давлатӣ беш аз пеш меафзояд, ки Ҳукумати ҶТ дар баробари ҳамаи хизматҳои шоёни бонувон ҳамеша посухи мусбат медиҳад. Пешвои миллат нафақат дар Рӯзи модар, балки пайваста дар ҳамаи баромадҳои худ баланд бардоштани мақоми занро дар ҷомеа таъкид менамоянд. Зиёд гардидани занони роҳбар ин натиҷаи тамоми ғамхориҳои Президенти кишвар нисбат ба занону бонувон мебошад. Мо бонувон низ барои ҳамаи ғамхориҳои Пешвои муаззами миллат бояд посухи мусбат дода, барои халқу миллати худ содиқона хизмат намоем.



**Шогун АМРЕНОВА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ**

Арҷ гузоштан ба зан-модар ва такя кардан ба онҳо дар тарбияи насли солиму дуруст сиёсати азалии хирадмандонае мебошад, ки дар чашми халқи заҳматталаби тоҷик шахсияти Эмомалӣ Раҳмонӣ чун Пешвои хирадпеша бори дигар нишон медиҳад.

Суханон ва насиҳатҳои падаронае, ки Пешвои миллат дар ин иди фархунда барои занону духтарон иброз намуданд, бояд сармашқи кори ҳар як духтар дар зиндагии шахсӣ бошад. Зеро Пешвои миллат пайваста дар ҳаёт ботамкин будан ва омӯхтани илму ҳунарро барои духтарон таъкид намуданд. Аз ин насиҳатҳои падаронаи эшон маълум мегардад, ки Сарвари давлат воқеан ғамхори миллати мо мебошад.

**Азиза ҒАЮРОВА**
**донишҷӯи соли 1**

Тавре Пешвои муаззами миллати мо қайд намуданд, сатҳи занони роҳбар

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ



дар ҷумҳурӣ зиёд гардида, нақши онҳо дар пешбурди сиёсати давлатӣ бо мурури солҳо бориз арзёбӣ мегардад. Ҳамакнун занро на танҳо василаи асосии тарбияи фарзанд, балки ҳамчун роҳбари хирадпеша, сарвари оқила ва пешбарандаи муваффақ дар ҷомеаи тоҷик эътироф менамоянд.

**Муаттараи БУРХОНИДДИН донишҷӯи соли 2**

Оқилон хирадмандона андарзе гуфтаанд, ки:

**Бузургонро бузургон зинда медоранд,**
**Бузургонро бузургони дигар поянда медоранд.**

Маҳз суханронии Сарвари давлат дар васфи занмодар, қадргузории эшон



ба ин табақаи нозуки ҷомеа боз ҳам аз бузургии Пешвои миллати мо дарак медиҳад.

**Дилнозаи БАҲОДУР донишҷӯи соли 2**

Нигоҳубин намудани падару модар ҳангоми пирӣ вазифаи асосии ҳар як фарзанд мебошад, ки мутаассифона баъзеи шахсон аз ин масъулият худро дар



канор мегиранд. Пешвои миллат аз ҳамин сабаб таъкид намуданд, ки барои болида гардонидани табъи волидон ҳангоми дар қайди ҳаёт будани онҳо бояд кӯшиш кард, зеро пас аз вафоти онҳо гузаронидани маъракаҳо бахшида ба ёди хотироти онҳо дигар ягон манфиате надорад.

**Ҷонона НЕЪМАТОВА донишҷӯи соли 2**

Дар ҷашни Рӯзи модар, ки Пешвои миллат табрикоти самимонаи худро ироа намуда, сарфаю сариштакорӣ ва риояи Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ”-ро бори дигар таъкид намуданд. Ҳамзамон зани сариштакорро “Хазинаи хона” гуфта, лоиқи таҳсин шумориданд.



**Гурдофарид НАЗРИЕВА донишҷӯи соли 3**

Суханони пурмуҳтавои Пешвои миллат, ки ҳамеша саршор аз панду насиҳати падарона мебошанд, мо ҷавононро бори дигар водор менамояд, ки барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва махсусан ҷавон-



духтарон барои пос доштани фарҳанги миллати худ бояд бетарафиро зоҳир нанамоем. Ҳифзи ҳама гуна арзишҳои миллӣ, аз ҷумла ҳурмати падару модар, сабурию тамкинӣ ва махсусан либоси миллӣ вазифаи аввалини мо ҷавондухтарон мебошад.

**Масъули бахш: Савлат ИЗЗАТУЛЛОЕВА раиси шӯрои духтарони факултет**



# НАВРӮЗ ЧАНД РӮЗ ҶАШН ГИРИФТА МЕШУД?

Наврӯз яке аз қадимтарин идҳои ориёист. Ривоят аст, ки ин ҷашнро Ҷамшед асос гузоштааст. Ин ҷашн дар моҳи аввали баҳор, ки Фарвардин ном дорад, баргузор мешавад. Дар ин рӯз офтоб ба хатти устувор меояд ва шабу рӯз баробар мешаванд. Рӯзи якуми Фарвардинро рӯзи якуми баҳор, саршавии кишту кор, бедоршавии табиат, олами наботот, такмили дунёи нав медонистанд. Аз ин лиҳоз, Наврӯз иди даромадани баҳор, саршавии кишту кор мебошад. Тоҷикон дар ин рӯз хонаи худро сафед мекунанд, ҳамаи касифҳои соли гузаштаро берун карда, либоси нав мепӯшанд ва орзуи то соли оянда беҳбудиҳои зиндагиро ме-



намоянд.

Дар қадим олимон аз донаҳои зироат сабзаҳо тайёр ва ба воситаи онҳо ҳосилнокии зироатҳои соли навро пешгӯӣ мекарданд. Дастархони наврӯзӣ ғанитарин дастархони идҳо буд. Дар он гул, ширинӣ, шарбат, май, нон, меваҷот мегузоранд. Рақами 7 дар урфияти гузаштагон бузург буд ва ба ин хотир дастархони 7 син меоростанд, аз қабили себ, санҷид, сирко, сим, сабза, сабзӣ, суманак, ки ишора ба ҳафт амшосипандон – фариштагони бузург аст.

Панҷ рӯзи аввали Наврӯз ба арвоҳи фравҳо бахшида мешавад. Дар ин рӯзҳо қабристонҳоро пок мекарданд, дар онҳо қурбониҳо менамуданд. Ривоят аст, ки дар ин рӯзҳо арвоҳи гузаштагон аз осмон ба замин меоянд, аз кору бори авлоди худ огоҳ мешаванд ва барои он, ки онҳоро фаромӯш накарданд, изҳори қаноат менамоянд ва ба авлоди худ кӯмак мекунанд.

Панҷ рӯзи дуюмро мардуми шаҳру деҳот бо тӯю тамошо ва мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ мебахшиданд. Панҷ рӯзи сеюмро мардум дар дарбори шоҳҳо бо тантана ҷашн мекарданд ва боқимонда 15 рӯзи дигарро дар саҳро ба сайри наврӯзӣ мебахшиданд. Яъне наврӯз на 4 ё 5 рӯз, балки 1 моҳи пурра, яъне 30 рӯз ҷашн гирифта мешуд.



**Суҳайлӣ ХОҶАЕВ донишҷӯи соли 1 (ТҲМК)**

*Наврӯз расид, ёри дирӯзии ман,*
*Як бор биё барои дилсӯзии ман.*
*Ғамҳои ту куҳнаанд, аммо имрӯз*
*Хуштар зи ғами ту нест наврӯзии ман.*



# TO THE QUESTION ON LEGAL INFORMING OF CITIZENS ON THE EXAMPLE OF THE INSTITUTE OF RELEASING FROM CRIMINAL LIABILITY IN CONNECTION WITH REPENTANCE



G.S. AZIZKULOVA
candidate of sciences (Law) docent of the chair of the theory and history of state and law.

S.F. ZAYNIDDINOV
senior teacher of the department of foreign languages

Teaching of special course "Problems of Legal Education and Upbringing "at the Law Faculty leading to definite thoughts with which I would like to share with the readers.

In the condition of real democracy it is necessary an aimed and special-organized activity on legal informing, legal enlightenment, and legal upbringing of mass of the people and naturally, legal teaching of lawyer specialists.

Before all Law Enforcement Agencies and other state bodies and as well as before scientific juridical society on the state level was put the task calling for assisting to overcome too much theoretical juridical scientific research. The fact is about the task of legal enlightenment and legal informing of population. The order of the President of the Republic of Tajikistan E. Rahmon "On legal policy and legal upbringing of citizens of Republic of Tajikistan from 22, August, 1997, Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan " On some measures of improving legal upbringing of the citizens and legal activity in the Republic" From 22, August, 1997 №383.

Program of legal teaching and upbringing of the citizens, confirmed by the Government of the Republic of Tajikistan from 22, August, 1997. One of the main direction of the program is called legal enlightenment and legal informing of citizens as well as development of legal education and other direction:

Counteraction and fight against criminality is the most important task of Law Enforcement Agencies provides implementation of two kinds of activity- legal enlightenment and legal informing that assume also interest of positive post criminal behavior of citizens.

Criminal Code of the Republic of Tajikistan provides cases when a person though committed, on this or that stage of plenary investigation or under considering a case at the court may be released from criminal liability. These cases connected with possibility of correction of a person without using punishment, by means of favorable surrounded him reality, as well as just human approach by the state.

According to articles 72, 73, 75 of Criminal Procedural Code court, prosecutor, investigator, and inquest are obliged to explain to suspected, defendant, victim, civil plaintiff, and civil respondent and also to other participants of criminal proceedings, their rights, duties and responsibility to ensure possibility to use these rights.

The fact is about two duties of professional participants of criminal process deliberately to its non-professional participants.

1. Duty to explain the rights (namely must explain, but not read).

2. To ensure possibility of enjoying these rights, after all legal awareness and legal enlightenment in criminal process must spread to wide mass of population, independently from involving or not involving (engagement) of people into criminal-legal relations.

We think that more clearly it may be seen on the example of institute of release from criminal liability in connection with active repentance. Under release from criminal responsibility in connection with active repentance law provides the fact that committed criminal punishment act by a person, that's why given foundation releasing from criminal liability is not rehabilitation. Under active repentance is understood the cases when a person after committing final crime acts voluntarily removing or lessen harmful consequences his criminal act.

Active repentance as behavior characterizing positive personality of the criminal and appearing in prevention harmful consequences committed, compensation of damage voluntarily or elimination of caused damage, in acts on active contribution to disclosure crime and surrender. Active repentance should consider as complex positive post-criminal measures directed to removal of public dangerous act.

Active repentance is an active voluntary behavior of a person who committed a crime which directed to prevention or lessen harmful consequences or assist to law-enforcement agencies help in disclosure crime, according to A.M Krepysheva: "Active repentance supporting by the state mitigation of liability or release from it, voluntary positive conduct of guilty after committing crime, direction to decrease or full eliminating harmful consequences of act, an assisting to law-enforcement agencies in disclosure committed crime".

V.A Kushnerov affirmed that in order to adopt decision on releasing from criminal responsibility, law-giver has to be aware of the fact that the actions aimed at restoration of violated interest actually certify on repentance, but not avoiding from criminal responsibility. Lawgivers as always has been take place on practice, has to inform a person that a fear of punishment, a wish to be released from criminal responsibility or mitigation promote to accomplish useful act. The main task for lawgiver to influence on consequences of the latter, to pursue him that he committed not just an act, but a crime, and for which he would be punished for instance, imprisoned, and that is why should strive for improving this behavior and correction.

Essence of active repentance comes that a person committed crime, found himself guilty and repented in wrong-doing not only by words but confirms it by concrete actions. Active repentance, without doubt characterizing by deep inside suffering, pity about wrong-doing, full found guilty himself and by truth witness (testimonies) by understanding public dangerous wrong-doing. It is caused by may be, such feeling as shame, dignity, understanding liability for committing crime, civil duty, own critic note of behavior and respect to public rules of conduct, by norms of responsibility and law. It should be said that whether it is positive responsibility which in second half XX-th century did not wish to recognize by specialist concerning criminal law.

R.A. Sabitov points that it cannot be motion (motivation) of active repentance afraid, soulless and fear be for responsibility. By other words to influence on public-psychological, emotional-willing side ( suffering, feeling, habits, beliefs) that is applying to every legal norm it should be defined: What, to whom, under what conditions and with what sanction prescribed prohibited and permitted, and then to choose according to his imagination (needs and interest) way of behavior. It is pointed out elementarily necessary, low and high level of legal informing of citizens.

By features of first level recognized to possess mainly without conflict rules of conduct comprising necessary conditions of communication and common recognized public ties implemented mostly on the level of intuition. For the second level characterized comparatively "Free" direction in changing legal situation on the basis of general principles and permanently implemented norms of law. (As in our example) Ability to think over the content of normative legal acts and accordingly to get direction in choosing the way of behavior. The figures of third level of legal informing of personality is considered permanent interest to law, absorbing needs in getting and widening quantity, deepening quality legal informing, definition on its active, critic perception and use to work out not law- abiding but law respecting behavior.

# THE ORIGIN AND HISTORY OF NAVRUZ



Hasanova Zufunun
1-st year student of law faculty, Department of International law

Navruz is one of the oldest Aryan holiday. This holiday is celebrated in the first month of spring which called Farvardin. According to historical sources the founder of this holiday was Jamshed. In the «Shahname» origin of the holiday is associated with the legendary King Jamshed. When Jamshed came to the throne on that day he called it Navruz and introduced it to the practice as a holiday. When Jamshed built a throne of gold and raised it to the highest mountain during sunrise, the gold made the throne shine in the sunlight and there was a light like the sun. Later on this day was called Navruz and people began to celebrate it as the New Year. Almost 12 centuries later in 487 BCE the holiday of Navruz was celebrated by Darius the Great of the Achaemenid Dynasty at Persepolis in Iran, which he constructed.

Navruz is celebrated by people for thousands of years. It is a secular holiday for most celebrants that is enjoyed by people of several different faiths but remains a holy day for Zoroastrians. Originating in Persia and long associated with the ancient Zoroastrian religion, its name means «new day» in Farsi, because for ancient Persians it marked the first day of the New Year. On this day, Persian kings wore a crown on their heads and distributed generous gifts to the citizens. Today, Navruz is celebrated each year on March 21 and in folk traditions horse racing, buzkashi (catching the goat), wrestling, bujulbozi, arghamchinbozi (rope skipping) and other kinds of Navruz competitions are organized. Celebration of Navruz in Tajikistan is incredible in its own way. Much attention is paid to the preparation of the holiday table. On the table the women put dishes which begin with the letter of «s» and «sh» which as a rule are «haftsin» and «haftshin». In Zoroastrianism the number 7 is considered sacred. In ancient time there was also «haftmim», but because of the many costs of such a table is rare. The most important symbol of this ancestral and ancient holiday is sumanak «Sumalak». Sumanak should be ready before the sun rises on the main day of the holiday. During the cooking of sumanak children and women sing different holiday songs and read poetry. Sumanak is not a simple dish it is something sacred. Sumanak is distributed to all the neighbors, relatives and friends. Before you try it you have to make three wishes and they will be fulfilled during the year.

In the last ten years, the Central Asian republics have recognized Navruz as an official holiday. Its celebration is marked by concerts in parks, trade fairs and national horseracing competitions. Nowadays Navruz holiday is celebrated by all countries of the world. The General Assembly adopted Navruz as an international holiday on March 21, 2010 and International Day of Navruz is celebrated since then.

The speech of the Leader of the Nation the President of Republic of Tajikistan Emomali Rahmon

«Navruz is like the Sun shines for all people and belongs to all humanity, the sons of Adam. Nowadays, Tajiks and all those who belong to Navruz civilization realm take pride in that ancient and beautiful holiday of nature is declared by the UN as international celebration. This outstanding achievement is an outcome of joint efforts and consistent aspirations undertaken over the many years by Tajikistan and a big number of friendly and brotherly countries. We, at the same time should make good use of traditions of Navruz to improve the quality of life and strengthen ties among our nations. By doing this, we can get more familiar with each other».

To sum up, with these good wishes and words of congratulations on the occasion of the International Navruz Day I would like to wish you – good health, prosperity and success.

**Happy Navruz!**

**Аз редаксия: садорати факултет ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» тасмим гирифтааст, ки минбаъд як саҳифаи алоҳидаро бо забони англисӣ нашр намояд. Зеро дар факултет ихтисоси алоҳида бо забони англисӣ амал мекунад, ки дарсҳо бо ин забон ба роҳ монда шудааст. Дар ин гӯша маводи устодон ва донишҷӯён ба табъ мерасанд. Пешниҳоди шуморо интизорем.**

Ҳикматулло РАҶАБОВ
донишҷӯи соли 5

# ФАЗИЛАТИ НАВРӮЗӢ



Наврӯз яке аз ҷашни қадимаи миллати тоҷик ба шумор рафта, тараннумгари расму оини ин миллати куҳанбунёд аст, ки дар худ якчанд сифату хосиятҳои наҷиб дорад ва аз ин рӯ барои мардум азизу гиромӣ мебошад. Халқ ба Наврӯз, ки аз оғози рӯзгори нав, орзую омоли нав мужда меорад, эътиқоди хоса дошта, бо як ҷаҳон меҳру муҳаббат ва умедвориҳо ба он менигаранду онро бо тамоми сифатҳои ба худ хосаш истиқбол мегиранд. Наврӯз ба мардум ҷону рӯҳи тоза мебахшад, мардумро ба рӯзи неку саид умедвор мекунад, дар дили мардум майсаҳои умеду орзуҳои ширинро месабзонад, дили мардумро нисбат ба зиндагӣ, ба ҷаҳон, ба табиат гармтар месозад. Аз ин ҷост, ки одамон Наврӯзро бо эҳтироми баланд, самимияти хоса, дар фазои тозаю беғубор, дар ҳалқаи дӯстону пайвандон, бо шодию сурур, бо нозу неъмати фаровон пешвоз мегиранд, то ки то ба Наврӯзи дигар ҳамчунон мушфиқу меҳрубон, сарфарозу шукӯҳманд, орому осуда ва дар фаровонӣ ба сар баранд. Имрӯз бо шарофати Истиқлолияти ватанамон ин иди куҳан боз ҳам миёни халқ бо тамоми суннатҳояш побарҷо ҷашн гирифта мешавад.

Яке аз азизтарин сифати Наврӯз он аст, ки рӯҳи бунёдкорӣ, созандагӣ ва тозакорӣ дошта, ҳам дар табиат, ҳам дар ҷомеа ва ҳам дар сиришти инсон дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд меорад. Ҷомеа, табиат ва инсонро аз нав месозад. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки одамон бо фарорасии Наврӯз хислатҳои бад, ҷангу ҷидол, кинаю адоват, бухлу ҳасад ва дигар хислатҳои шаррофариниши худро фаромӯш мекунанд ва дар дилашон нисбат ба ҳамдигар меҳру муҳаббат мепарваранд. Ҳамин аст, ки Наврӯз иди раҳму шавқат, меҳру муҳаббат ва эҳсону саховат буда, дар рӯзҳои ҷашни он одамон ба дидори дӯстону азизон мешитобанд, ҳамдигарро гарму самимӣ ба оғӯш мегиранд, ба аёдати беморон меравнад, оҷизону бенавоён ва заифону нотавононро дилбардорӣ мекунанд.

Наврӯз неруи офаринандагию созандагӣ дошта, мардумро баҳри ободию шукуфоии кишвар ва хонаю дари худ ҳидоят менамояд.

Наврӯз ҳамаро, аз ҷумла тамоми мавҷудоти рӯйи заминро, ба хусус шоирону хунёгарон ва дигар аҳли ҳунарро ба ваҷд меорад. Шоирон аз тозакориҳои баҳор, аз боди сабо, сиришки абр, борони найсон, дамидани сабза, шукуфтани гул, муғчаи дарахтон, ҷон гирифтани рустаниҳо, рӯйидани алафу гиёҳҳо, қаҳ-қаҳи кабкони дарӣ ва дигар муъҷизаҳои ин фасли рӯҳафзою ҷонбахш ба шавқ омада, дар бораи Наврӯз шеъру достонҳо мегӯянд, оҳангсозон ба савту навоҳои наврӯзӣ оҳанг мебананд.

Он ҳама корҳои муҳиму азиме, ки кишоварзон барои пойдории зиндагии инсонҳо анҷом медиҳанд, аз Наврӯз оғоз меёбад. Онҳо дар рӯзҳои Наврӯз барои ободии ҷаҳон кор мекунанд. Замине, ки онҳо шудгор мекунанд, донаи умеде, ки ба замин мепошанд, ниҳоле, ки дар замин мешинонанд, ҷӯю наҳрҳое, ки онҳо тоза менамоянд ва дигар корҳои хайре, ки деҳқонон ба ҷо меоранд, ҳама пойдевори ҳаёти нав ва сабаби рӯзгори хуш хоҳанд буд.

# ҲУМОЮН БОД НАВРӮЗИ ОЛАМАФРӮЗ!



Ҷамолиддин ҲАЛИМОВ,
донишҷӯи соли 4

**Омада Наврӯз ҳам аз бомдод,**
**Омаданаш фарруху фархунда бод.**

Ҷашни Наврӯз мақоми ҷаҳонӣ гирифтааст. Наврӯзи мо, воқеан ҳам сазовори мартабаи баланд, лоиқи густариш аст ва дар худ шафоату хосияти миллии зиёде дорад.

Оре, Наврӯз исми миллати мост. Наврӯз тӯморест аз Худованд, ки миллати моро аз чашми бадон нигоҳ дошт ва аз қаъри асрҳо, аз давронҳи асотирӣ ба ин замон расонид.

Инак, Наврӯзи байналмилалӣ ҳаштсола шуд. Маҳз дар давраи Истиқлолият бо пешниҳоди Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26 феврали соли 2010 дар Маҷмаи Умумии СММ дар нишасти 64-уми худ Наврӯзро ҷаҳонӣ эълон намуд ва ҳамасола онро чун ҷашни байналмилалӣ беш аз 300 миллион одам ҷашн мегиранд.

Иди Наврӯз қадимтарин иди миллӣ ва муборактарин анъанаи ниёгон буда, чун оғози эҳёи табиат аз омадани баҳори дилангез мужда медиҳад. Дар Тоҷикистони азизи мо ин ид бо як шукуҳу шаҳомати хос мегузарад. Воқеан, Наврӯз давраест, ки Замин ба меҳвари хуршед баромада, рӯзу шаб баробаб мешавад ва ба ҳама рӯҳу равони тоза мебахшад.

Соли ҳаштум аст, ки ин ҷашни шоистаи ниёгонамонро дар кишварҳои дунё истиқбол мегиранду мувофиқи расму анъанаҳои пешина ва куҳанбунёди ҳар як маҳалла ва шаҳрҳо онро ботантана мегузаронанд.

Наврӯз нишони Ваҳдати миллии мост. Дар «Авесто» гуфта мешавад, ки дар Хоразм маҳз Ҷамшед аввалин маротиба оташи зардуштиро фурӯзон кардааст. Вақте ки Ҷамшед барои худ аз тилло тахт сохт, баландии он ба кӯҳи баланд бархост, ҳангоми тулӯи офтоб дурахшид, он рӯз оғози солро таҷлил намуданд. Замон ваҳдати рӯҳонии моро бо қавмҳои дигар ба вуҷуд овард. Ҳарфҳои авестоии мо ба ҳарфҳои кириллӣ бадал шуданд. Як муддате тарсидаю ҳаросида ин иди ниёгонамонро дар доираи хеле маҳдуд истиқбол менамуданд. Фазову замони зиндагии мо номуайян шуд, ки гӯё ки набудем. Сад шукри Истиқлол, ки ба тамоми паҳлуҳои ҳаёти фарҳангии халқи куҳанбунёди мо таъсири неки худро расонид ва фазову замони худро дарёфтем.

Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар қатори дигар арзишҳои волои миллии мо Наврӯз, ки аз замони шоҳ Ҷамшед сарчашма мегирад, ба хазинаи тамаддуни ҷаҳонӣ ворид шуда, обру ва нуфузи кишвари азизамон Тоҷикистонро дар олам баланд бардошт. Заҳмату талошҳои дурандешонаи Президент, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ чун ворнси фарзонаи миллати тоҷик хоҳони он аст, ки Тоҷикистони мо дар арсаи байналмилалӣ шинохта шавад.

Чунин талошҳои пайгиронаи сарвари давлат робита, дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва муттаҳидии халқҳои Осиёи Миёна ва кишварҳои Осиёи Марказиро дучанд зиёд менамояд.

Президенти муҳтарами мо Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намудаанд, ҳар сол дар як кишваре Наврӯз таҷлил гардад. Таърих муайян намудааст, ки ҷашни бостонии Наврӯз аз қаъри асрҳо то имрӯз расида, рамзи ҳуввияти миллӣ, ифтихори маънавӣ, баёнгари рӯзи тоза, ҳаёти навин ва эҳёи табиат баъд аз сардии зимистон бо нури гарм ба дили мо шодию фараҳ меорад. Овози паррандаҳои хушилҳом, кабку гунҷишкҳо, булбулу худхуд ба гӯши мо фораму гуворо садо медиҳад. Шапалакҳои ҳаррангаи зебо аз накҳати гулҳо лаззат бурда, аз гул як ҳавои форам бол мезананд.

Боиси хушнудист, ки имсол низ Наврӯзи бостонӣ дар Тоҷикистони азизи мо таҷлил хоҳад гашт ва аз тамоми кишварҳои дӯсту бародар меҳмонони олиқадр ба ин ҷашн ташриф меоранд, шодию хурсандии хурду калон дучанд зиёд мегардад. **Наврӯз муборак, ҳамдиёрони азиз!**

**Эй баҳори нозанин,**
**Наврӯзи ҷон хуш омадӣ,**
**Ҷашни пурфайзу пур аз**
**ному нишон, хуш омадӣ!**



# ГУСТАРИШИ МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОНУ АФҒОНИСТОН

Баъди ба даст овардани Истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати барқарор намудани равобити хориҷии худ бо кишварҳои ҳамсоя, бахусус бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таваҷҷуҳи хоса намуд. Ҷумҳурии Исломии Афғонистон яке аз кишварҳои ҳамҷавори дорои сарҳади 1030 км бо Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз тарафи дигар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишвари мо ҳамзабон, дорои умумиятҳои ягонаи фарҳангӣ мебошад.

Муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон 15 июли соли 1992 барқарор гардиданд.

Муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки ҷавобгӯи манфиатҳои миллӣ дар таъмини рушди бемайлони иқтисодии кишвар, сулҳу субот ва амнияти минтақа мебошанд, аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки дар таҳкими ин муносибатҳо бевосита нақши сарварони ҳарду кишвар назаррас аст.

Чи тавре ки қаблан зикр намудем муносибат бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ҳошияи татбиқи Аҳдномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳамсоягии нек мулоқоти президентҳои ду кишвар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1993, 1996, 2001 ва дар Афғонистон солҳои 1993, 1995 баргузор гардида, дар ҷараёни онҳо доираи васеи масъалаҳо мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо, аз ҷумла оромии вазъ дар сарҳад ва ҳаллу фасли низоъҳои дохилии Тоҷикистон ва Афғонистон мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Сарвари давлати Афғонистон бо Эмомалӣ Раҳмон – Президенти ҶТ мулоқот намуда, аз рӯи масоили густариши равобити дуҷониба ва вазъи сиёсии ҳарду кишвар, масъалаи бозгашти гурезагон, низоъҳои сарҳадӣ ва ғ. гуфтушуниди судманд доир намуд. Гуфтушунид бо имзои санадҳои зерин, аз ҷумла "Аҳдномаи дӯстӣ ва хамкорӣ миёни ҶТ ва давлати Афғонистон", "Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг, илм ва маориф миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати Афғонистон", "Созишнома оид ба содироти газ аз давлати Афғонистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон" анҷомид.



Муҳимтарин воқеаи сарнавиштсози охири қарни XX барои миллати тоҷик ин ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ мебошад. Баъд аз ин санаи сарнавиштсоз Ҷумҳурии Тоҷикистони тозаистиқлол равобити хориҷии худро бо кишварҳои дунё ба роҳ монд. Равобит бо кишварҳои ҳамсоя бахусус кишварҳои хамзабону ҳамфарҳанг яке аз самтҳои асосӣ ва афзалиятноки ҶТ баҳисоб меравад. Робитаҳои ҶТ бо кишвари ҳамзабони Афғонистон дар тамоми арсаҳо рӯ ба афзоиш ниҳодаанд. Аз тарафи дигар мавҷудияти умумиятҳои таъриху забон, расму ойин, дину фарҳанг заминаи мусоидро барои рушду такомули робитаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангию илмӣ ва тиҷоратию саноатӣ миёни се кишвари ҳамзабон фароҳам овардаанд.

Боздидҳои расмии чандинкаратаи сарони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба кишварҳои ҳамдигар дар таҳкими муносибатҳои гуногунсоҳаи ҷонибҳо такони ҷиддӣ бахшидааст.

Боиси қаноатмандист, ки аҳамияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амну субот дар Афғонистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Иттиҳоди Аврупо беш аз пеш дарк мешавад.

Хулоса, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳури Исломии Афғонистон муносибатҳои нек дорад ва боварии комил дорем, ки ин муносибати ҳасана то абад боқӣ хаҳад монд. Ман, шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳастам ва донишҷӯи ДМТ мебошам. Дар давоми таҳсили худ муносибатҳои дӯстонаи ин ду халқи бародари бо ҳам таърихи ягонадоштаро дар даврони муосир боз ҳам дар рушду нумӯъ мебинам. Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол аз рӯзи мустақил гаштани хеш баҳри ба даст овардани сулҳ дар кишвари ҳамҷавори Афғонистон бо сарварии Призиденти кишвараш, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар конфронсу ҳамоишҳои байналхалқӣ баромад намуда, нисбат ба масъалаи Афғонистон ва ҳалли мунокишаҳои он таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ҷалб намудааст. Ман ҳамчун донишҷӯ, боварии комил дорам, ки ин муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Афғонистон боз ҳам рушд ёфта, яке аз омилҳои асосии пойдор гардидани сулҳ дар Афғонистон ва ба охир расидани ин вазъияти муташанниҷ хоҳад гашт.



**Муҳаммадаслам ХАЙРЗОД, донишҷӯи соли 5 (МБҲ), шаҳрванди Афғонистон**

# ОИД БА ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТИИ НОБОЛИҒОН



**Шоҳрух ҶУРАЕВ, донишӯи соли 4**

Омилҳои ба ҷиноят даст задани ноболиғон гуногун буда, муайян кардани ангезаи чунин кирдорҳои манъгардида зарур аст. Қисми зиёди ин ҷиноятҳо аз нодуруст баҳо додани вазъият, майли исбот кардани хулқи мардонагӣ, таъсири омилҳои беруна ва ғайра содир мешаванд.

Ҳамчун қоида қисми зиёди ҷиноятҳое, ки ноболиғон содир мекунанд пешакӣ тайёр карда нашуда, қасди он ногаҳон дар зери таъсири вазъияти мушаххас пайдо мешаванд. Дар баробари ин чунин унсурҳо, ба монанди бадхашмӣ, бераҳмӣ, ҳасудхӯрии ноболиғон ҳамчун нишонаи назарраси содир гардидани ҷиноятҳо шуда истодааст. Чуноне ки маълум аст, дар солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолият воқеаҳои мудҳиш ва ниҳоят вазнин ҶТ-ро фаро гирифта буд. Мисоли ин ҷанги шаҳрвандӣ, бухрони иқтисодӣ, камбизоатии аҳолӣ ва монанди инҳо мебошад, ки ба равони ноболиғон таъсири манфии худро расонид. Бинобар ин, аз рӯйи таҷрибаи дар амалияи ҳуқуқӣ ҷойдошта, илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ хусусиятҳои инкишофи рӯҳии субъектони махсусро ба инобат гирифта, дар Кодекси ҷиноятии ҶТ фасли махсусро оид ба ҷавобгарии ноболиғон муқаррар кард.

Ноболиғон аз ҷиҳати қувваи физиологӣ ва рӯҳӣ аз дигар категорияи шахсон фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазодиҳии онҳо низ дигаргун аст. Айни ҳол дар КҶ ҶТ фасли 5-ум ва боби 14-уми он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазодиҳии ноболиғон бахшида шудааст. Фасли зикргардида хусусиятҳои ҷудогонаи чавобгарии ноболиғонро дар бар мегирад. Мувофиқи моддаи 86-уми КҶ ҶТ ноболиғ шахсест, ки дар вақти содир намудани ҷиноят синни 14-солагиро пур кардааст, вале ҳоло ба синни 18-солагӣ нарасидааст. Чи хеле ки маълум аст, мувофиқи қисми 1 моддаи 23-и КҶ ҶТ синну соли умумие, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад, 16-солагӣ аст. Мувофиқи қисми 2-и ҳамин модда барои баъзе ҷиноятҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ аз синни 14-солагӣ муқаррар карда шудааст. Аз тарафи қонунгузор муқаррар кардани синну соли барвақти ҷавобгарӣ барои баъзе ҷиноятҳо аз он бармеояд, ки мувофиқи илми равоншиносӣ шахсони ба синни 14-сола расида ба ҷамъият хавфнок будани чунин кирдорҳои худро аллакай дарк карда, оқибатҳои онҳоро бисёр хуб мефаҳманд. Дар маҷмӯъ бо назардошти хусусияти ба ҷамъият хавфнок будани ҷиноят, мувофиқи қисми 2-и моддаи 86-и КҶ ҶТ суд метавонад ба ноболиғ ҷазо таъйин намояд ё чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявидошта татбиқ намояд. Мувофиқи моддаи 87-и КҶ ҶТ чунин намудҳои ҷазо барои ноболиғон таъйин карда мешавад: а) корҳои ҳатмӣ; б) корҳои ислоҳӣ; в) ҷарима; г) маҳрум сохтан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти муайян; д) маҳрум сохтан аз озодӣ.

Хулоса, ноболиғон ҳассос, зудбовар, тақлидкор ва зудивазшаванда буда, ба ҳодисаҳои дар ҷомеа рӯхдода бо диди худ баҳо медиҳанд. Аз ин лиҳоз ҳам шаҳрвандон ва ҳам мақомоти ҳифзи ҳуқуқ масъуланд, ки роҳҳои нави мубориза бар зидди ҷиноятрокории ноболиғонро кор карда бароянд. Хуб мешуд, ки олимони соҳа дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои давлатӣ мизҳои мудаввар ташкил карда, самтҳои нави такмил додани масъалаи баррасишавандаро ҳаллу фасл намоянд. Ҳамзамон падару модар низ бояд дар тарбияи фарзандони худ масъулиятро беш аз пеш эҳсос карда, барои ҷомеа ва давлат насли солим ва меҳанпарастро ба камол расонанд.

## ТАЪЗИЯНОМА

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба муовини ректори донишгоҳ оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт Собиров Нуралӣ нисбат ба вафоти

**ПАДАРАШ**

изҳори тасаллият менамоянд.

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» аз марги доктори илмҳои таърих, профессор

**НАБИЕВА РОҲАТХОН АБДУВАҲҲОБОВНА**

андӯҳгин буда, ба хешовандону наздиконаш изҳори тасаллият менамоянд.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД:**

Билети донишҷӯии донишҷӯи соли 1-уми факултети ҳуқуқшиносӣ, ихтисоси экспертизаи судӣ Мирзоев Афзалшо Шамсуллоевич бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

# ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ АНДОЗ – СОҲАИ ҲУҚУҚ



Машраби ДАВРОН
донишҷӯи соли 5

Инкишофи илми ҳуқуқи андоз дар солҳои охир ва аз ҷониби муҳаққиқони ин самт таҳқиқ гардидани масъалаҳои алоҳидаи танзимнамоии ин соҳаи ҳуқуқ сабаб шуд, то диққати хосса ба ҷанбаҳои мурофиавии ҳуқуқи андоз дода шавад. Ва ин тасодуфӣ нест, чунки бо ёрии меъёрҳои мурофиавӣ пардохтҳои андоз ба буҷети ҶТ ба ҷо оварда мешавад.

Саволе ба миён меояд, ки чаро дар оғози солҳои 90-уми асри гузашта, ҳангоме ки низоми сиёсию ҳуқуқии собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ тағйир кард, ҳуқуқи мурофиаи андоз дар низоми соҳаҳои ҳуқуқ ҷои худро муайян ва мустаҳкам накард? Ба андешаи мо назари илмии ин масоил чунин буданд:

1) Дар собиқ ИҶШС, ки моликияти хусусӣ эътироф карда намешуд, ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ диққати ҷиддӣ дода нашуда буд. Буҷети давлатӣ аксаран аз ҳисоби фаъолияти хоҷагидории давлатӣ ва даромад аз амволи давлатӣ пур карда мешуд. Бинобар ин баъди соҳибистиқлол шудани ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва эътирофи гуногуншаклии моликият якбора мавқеи ҳуқуқи андоз боло рафта, қонунҳои моддии муқарраркунандаи андоз (масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи андоз аз арзиши иловашуда», Қонуни ҶТ «Дар бораи андоз аз даромад» ва ғ.) қабул гардиданд, аммо ба масъалаи мурофиаи андоз диққати ҷиддӣ дода намешуд.

2) Чун қоида муносибатҳои мурофиавӣ дар асоси санади меъёрии ҳуқуқии махсуси кодификатсионӣ танзим карда мешуд (масалан, Кодекси мурофиавии гражданӣ, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ), вале дар масъалаи мурофиаи андоз чунин санад мавҷуд набуд.

Ин омилҳо боис гардиданд, то ҳуқуқи мурофиаи андоз қисмати таркибии ҳуқуқи андоз ҳисобида шавад ва паҳлуҳои мурофиавии он норавшан боқӣ монад. Ба ин ақида розӣ шудан мушкил аст, ки ҳуқуқи мурофиаи андоз ҳамчун як мавзӯи ҳуқуқи андоз ба шумор равад. Зеро барои омӯзиши он як мавзӯъ басанда нест. Муносибатҳои мурофиаи андоз васеъ буда, масъалаҳои танзими давлатии фаъолияти субъектони андоз, назорати андоз, санҷиши андоз, истеҳсолоти бақайдгирӣ ва иҷозатномадиҳӣ, истеҳсолот оид ба қабули санадҳо дар соҳаи андоз, расмиёти андоз, ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи андозро фаро мегирад. Як қатор муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи андоз предмети ҳуқуқи мурофиаи андозро бо баррасии баҳсҳои бавуҷудоянда дар ҳуқуқи андоз маҳдуд намуда, ба он хусусияти дуюминдараҷа медиҳанд. Яъне меъёрҳои мурофиаи андоз дар он вақт амалӣ мешаванд, ки агар баҳс ба миёнояд. Вале ба ин ақида розӣ шудан хатост, чунки ҳуқуқи мурофиаи андоз набояд танҳо ба танзими ҳуқуқии баҳсҳои андозӣ алоқаманд дониста шавад. Дуруст аст, ки ба миён омадани баҳсҳо дар асоси меъёрҳои мурофиавӣ ба танзим даровардa мешаванд, аммо масъалаҳои хусусияти негативидошта, ки аз тариқи мурофиавии юрисдиксионӣ доир карда мешаванд, танҳо як намуди истеҳсолоти мурофиавӣ буда, намуди дигари он мурофиаи расмиётӣ мебошад, ки хусусияти позитивӣ-созандагӣ дорад (масалан, истеҳсолот оид ба мукофотонӣ, истеҳсолот оид ба бақайдгирӣ, истеҳсолот оид ба иҷозатномадиҳӣ ва ғайра). Мурофиаи расмиётӣ аксаран вобаста бо ташаббуси дорандаи ҳуқуқи субъективӣ оғоз гардида, оқибати он қабули санади ҳуқуқмуайянкунанда мебошад. Масалан, бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси мурофиаи расмиётӣ сурат гирифта, бо тартиб додани санади бақайдгирӣ анҷом меёбад ва ба ҳамин монанд дигар масъалаҳои расмиёти андоз, ҳисоббарорӣ, ҷудокунӣ ва пардохт низ бо тартиби мурофиаи расмиётӣ сурат мегирад.




Бояд қайд намуд, ки ҳар як соҳаи ҳуқуқ ба худ предмети танзимнамоӣ дорад. Ҳуқуқи мурофиаи андоз ба соҳаҳои ҳуқуқи мурофиавӣ дохил шуда, предмети онро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки ба таъмини иҷроиши уҳдадориҳои андоз равона шудаанд. Аз ин рӯ, ҳама гуна масъалаҳое, ки вобаста ба пардохтани андоз, иҷрои уҳдадориҳои андоз, расмиёти андоз ва ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи андоз алоқаманданд, предмети ҳуқуқи мурофиаи андозро ташкил медиҳанд. Чуноне ки дар боло ишора шуд, вобаста ба масъалаҳои мурофиавии ҳуқуқи андоз санади муайяни кодификатсияшуда қабул нагардидааст ва муқаррар шудани баъзе бобҳои алоҳида дар Кодекси андози ҶТ, ки ба масъалаҳои мурофиавии андоз бахшида шудаанд (бобҳои 3, 4 ва 11) дар танзими ҳуқуқи мурофиаи андоз кифоят намекунанд. Дар пойдории ҳуқуқи мурофиаи андоз нақши Кодекси расмиёти маъмурии ҶТ (аз 1.05.2007) хело зиёд аст. Кодекси мазкур пурра ба масъалаҳои мурофиавӣ бахшида шуда, намудҳои алоҳидаи истеҳсолотҳои мурофиавиро дар худ ҷой додааст.

Ҳамин тариқ, бояд қайд кард, ки раванди эътирофнамоии ҳуқуқи мурофиаи андоз хамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла ҶТ баъд аз Истиқлолияти давлатиро касб намудан оғоз гардида, ин раванд идома дорад.

# ЭЪЛОМИЯИ КУРУШ ВА ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ БАШАР



Муҳаммадамин НАСРИДДИНОВ
донишҷӯи соли 3
(шуъбаи ғоибона)

**Ҳарчанд илми ҳуқуқшиносии мамолики Ғарб қонунҳои асосӣ ва қонунҳои ин кишварро ҳамчун манбаи нахустини пайдоиш ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон мешуморанд, вале миллати мо низ дар ҳаллу фасли ин масъала дар ҳошияи таърихи башар набудааст. Дар ин бобат ёдовар шудан аз Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки зиёда аз дуву ним ҳазор сол қабл аз ин қабул гардида буд кофист.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир нахустин санадест дар таърихи эҷоди санадҳои ҳуқуқӣ, ки дар он озодии ҳаракат, виҷдон, дахлнопазирии манзил, моликият ва дигар ҳуқуқҳои инсон кафолат дода шуда буд. Таваҷҷуҳи хонандаро ба қисмате аз матни Эъломияи Куруши Кабир, ки ифодакунандаи моҳияти демократии давлатдорист, ҷалб месозам: «Ман эълон мекунам, ки ҳар кас озод аст, ҳар дину ойинро, ки майл дорад, баргузинад ва дар ҳар ҷо, ки мехоҳад, сукунат намояд ва ҳар гуна, ки муътақид аст ибодат кунад ва муътақидоти худро ба ҷо оварад ва ҳар касбу кореро, ки мехоҳад, интихоб намояд, танҳо ба шарте, ки ҳаққи касеро поймол нанамояд ва зиёне ба ҳуқуқи дигарон ворид насозад».

Меъёрҳои Эъломияи Куруши Кабир то имрӯз моҳияти худро гум накардаву истифодашавии онҳо дар санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи умумиии ҳуқуқи башар, ки 10 декабр соли 1948 қабул карда шудааст, ба назар мерасад. Қобили зикр аст, ки меъёрҳои дар боло зикршуда барои кишварҳои узви СММ сарчашма ва роҳнамои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, санаи 10 декабри соли 1948 СММ дар заминаи Эъломияи Куруши Кабир санадеро ба тасвиб расонид, ки шараф, номус, қадр, хулоса ҳамаи ҳуқуқҳои бунёдии одамони рӯйи ҷаҳонро қонунӣ гардонид. Бисёре аз шахсони маъруфи дунё Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро як қадами бузурги инқилобӣ номиданд. Ин ҳуҷҷат бо мазмуни волои худ ҳатто бадтарин диктаторҳои ҷаҳонро маҷбур кард, ки дар иродаи ташкилкунандагони ин санад тан диҳанд.

Умумияти Эъломияи Куруш ва Эъломияи умумии ҳуқуқи башари соли 1948 дар он аст, ки онҳо дар тафовут аз дигар санадҳо, ки дар замони муосир қабул шудаанд, ҳуқуқи инсонро мансуби ин ё он миллату нажод ё мазҳабу мамолик надониста, балки мансуби тамоми аҳли башар донистанд. Бозёфтҳои бостоншиносӣ нишон медиҳанд, ки Эъломияи Куруши Кабир ҳанӯз дар аҳди қадим машҳур ва паҳншудатарин санад будааст. Тибқи китоби рекордҳои «Гиннес» Эъломияи умумии ҳуқуқи башари соли 1948 низ паҳншудатарин санад дар ҷаҳон буда, аз лиҳози тарҷума бо забонҳои дунё дар ҷои якум меистад, ки ин умумияти дигари ин ду санад аст. Мо аҳамияти Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро замоне дарк карда метавонем, ки агар фикр кунем чунин санад аслан вуҷуд намедошт. Он гоҳ садҳо ё шояд ҳазорон қонуни дигаре, ки дар сатҳи байналмилалӣ ё дар сатҳи кишварҳо навишта, қабул шудаанд низ вуҷуд дошта наметавонистанд.

Охирсухани худро бо андешаи яке аз намояндагони ҳуқуқи инсон Билл Боуринг хотима мебахшам, ки дар мавриди Эъломияи ҳуқуқи башар чунин гуфта: «Ҳарчанд ин як аҳдномаи ҳатмӣ ва маҷбуркунанда набуд, аммо ба шакли як қонуни муқаррарӣ ва ҳатмии байналмиллалӣ барои тамоми давлатҳо пиндошта шуд. Ҳамаи санаду паймони баъдии ҳуқуқи инсон, ба монанди манъи табъиз нисбати занон, мубориза зидди нобаробариҳои нажодӣ ё ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ҳамагӣ ба Эъломияи ҳуқуқи башар асос ёфтаанд ва он як пойдевор аст».

# ҶАВОБГАРИИ ГРАЖДАНӢ ВА ҶИНОЯТӢ: ТАФОВУТИ ОНҲО

**Наврӯз БУРИЕВ,**
**донишҷӯйи соли 5**

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун категорияи умумӣ намуди ҷавобгарии иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби субъектони босалоҳият татбиқ намудани чораҳои ҳуқуқиро нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда дар назар дорад. Аслан, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба чор намуд: ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ, гражданӣ ва ҷиноятӣ ҷудо карда мешавад. Тафовут дар байни ҳар яке аз ин намудҳои ҷавобгарӣ ҷой дорад. Кӯшиш намудем, ки баъзе аз хусусиятҳои фарқкунандаи ҷавобгарии граждаaниро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ пешкаши хонанда созем.

1. Яке аз фарқиятҳои асосии ин намудҳои ҷавобгарӣ дар сарчашмаҳои ҳуқуқии танзимнамоии онҳо дида мешавад, яъне ҷавобгарии гражданӣ аз ҷониби қонунгузории гражданӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ бошад, аз ҷониби меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ муайян ва баррасӣ карда мешавад;

2. Ҷавобгарии гражданӣ ҳангоми вайрон намудани меъёри қонун ва ё муқарраротӣ шартнома ба вуҷуд меояд. Аммо, ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо ҳангоми содир намудани кирдоре, ки боиси вайрон гаштани диспозитсияҳои қисми махсуси КҶ мегардад, ба вуҷуд меояд;

3. Субъекти ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи гражданӣ шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат шуда метавонанд. Субъекти ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад, танҳо шахи воқеӣ эътироф карда мешавад;

4. Вобаста ба кирдори содиршуда қонунгузории ҷиноятӣ 12 намуди ҷазоро пешбинӣ менамояд, аз қабили ҷарима, маҳдуд



кардани озодӣ, корҳои ислоҳӣ, корҳои ҳатмӣ, мусодираи молу мулк, маҳрум сохтан аз озодӣ ва ғайра. Ҳуқуқи гражданӣ, ки асосан муносибатҳои молумулкиро ба танзим медарорад, ҷавобгарӣ дар он низ танҳо хусусияти молумулкӣ дорад. Агар дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷавобгарӣ ба шахсияти ҷинояткор таъсир расонад, дар ҷавобгарии гражданӣ ба молу мулки ҳуқуқвайронкунанда таъсир расонида мешавад;

5. Дар ҷавобгарии гражданӣ ҷуброни зарар ба манфиати ҷабрдида рӯёнида мешавад, аммо дар ҷавобгарии ҷиноятӣ бошад, дар аксар маврид молу мулк на ба манфиати ҷабрдида, балки ба фоидаи давлат ситонида мешавад.

6. Дар ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба ҷинояткор доғи судӣ ба вуҷуд меояд, аммо дар ҷавобгарии гражданӣ чунин оқибат ба назар намерасад.

7. Хусусияти дигари фарқкунандаи ҷавобгарии гражданӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар он аст, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ эҳтимолияти бегуноҳӣ ҷой дорад. Дар ҷавобгарии гражданӣ бошад, эҳтимолияти гунаҳгорӣ дида мешавад. Яъне барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ ҷавобгар бояд худаш бегуноҳ буданашро исбот намоянд.

# ИТТИЛООТ ДАР ХОТИРА

## (Инсон – бузургтарин манбаи иттилоот)



**Диловар АКМАЛОВ**
**донишҷӯи соли 2,**
**ихтисоси ҳифзи**
**ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ**

Иттилоот чунин маълумоте оид ба табиат ва муҳити атроф мебошад, ки ба кам намудани сатҳи номуайянии дониши инсон мусоидат менамояд. Мафҳуми расмии иттилоот дар қонунгузории соҳавӣ ба тарви мушаххас оварда шудааст.

Информатсия мафҳуми васеъ буда, дар як маврид ҳаммаънои иттилоот низ мебошад. Инсон ҳама иттилоотро аввал худаш қабул ва дарк намуда, баъдан онро ба хоҳишмандон ирсол менамояд.

Мо иттилоотро аз тамоми васоити ахбори омма, маҷаллаю китобҳо метавонем озодона аз бар намоем. Новобаста аз намуди тасвиршавиаш информатсия ҳама вақт маълумот дар бораи ягон шахс ё ягон чиз аст. Вай ҳодисаҳои дар ҳаёти мо аллакай рӯйдода ё рӯйдиҳандаро инъикос менамояд.

Иттилоот маълумот дар бораи ягон ҳодиса, предмет, шахс, рӯйдод ва умуман муҳити атроф аст, ки сатҳи номуайянии дониши инсонро дар ҳамон самти омӯзиш кам намуда, боиси ташаккул ёфтани тафаккури инсон мегардад.

Яке аз хусусиятҳои асосии иттилоот он аст, ки ҳангоми интиқол ба ҷои дигар он дар ҷои пешинаш низ боқӣ мемонад.

Пажӯҳишҳои зиёди равоншиносӣ маълум кардааст, ки беҳтарин хотираи инсон ба ёд гирифтани чеҳраи шинос ё ношинос мебошад. Дар ин ҳолат инсон бе мамонияти метавонад чеҳраи шиносро аз миёни издиҳоми ношинос ҷудо намояд, ҳатто онро метавонад аз дур шиносад. Албатта, чеҳраи одамони бегона дар хотираи инсон ҳифз намегардад, аз қабили тасвири ношиносе, ки ба он аҳамият намедиҳем.

Ин навъи муайянкунӣ хеле муфид буда, инсонро зарур нест, ки ягон чизро дар хотир гирад, зеро ки чеҳраи шинос фаромӯшнашаванда аст.

Тадқиқотҳо нишон додаанд, ки ба ҳисоби миёна инсон дар хотираи худ 60 зеттабайт ($60x10^{13}$ ГБ) иттилоотро нигоҳ дошта метавонад. Биёед муқоиса менамоем, ки то соли 2020 ҳаҷми иттилоот чӣ қадарро ташкил медиҳад. Дар муқоиса маълум гардид, ки ҳаҷми иттилооти ҷамовардаи инсон ба 40 зеттабайт мерасидааст. Ҳаҷми беназирии ҳар як инсон 1 МБ-ро ташкил мекунад, яъне аз ҳаҷми дискетаҳои қадима хурдтар мебошад.

Тадқиқотҳои равонию психологӣ нишон медиҳанд, ки дар мағзи сари мо чанд қабат хотира мавҷуд аст. Онҳо иттилоотро нигоҳ дошта, коркард намуда, дар амал татбиқ менамоянд. Қабати аввали хотира қабати аз ҳама болоӣ буда, хотираи зудамал аст, ки дар он иттилооти тару тозаи ҳанӯз пурра таҳлилнашуда қарор мегирад. Маълумоти мазкурро минбаъд ҳамчун идрок истифода бурдан мумкин аст. Ин қабати хотира аслан ба донишандӯзони пайваста хос мебошад, зеро ки онҳо дар аввал иттилооти тару тоза ва таҳлилношударо ба хотираи худ ворид месозанд ва баъдан ба умқи он сарфаҳм меравaнд. Ин ба он далолат мекунад, ки мо дар бораи касе фикр мекунем ва нохост ӯ низ баъди як лаҳза ба мо занг мезанад ё бо ӯ вомехӯрем. Дар муддати се шабонарӯзи аввал ҳис менамоем, ки андешаи ба сар омадаро дар амал татбиқ карда таvонистем. Вале бо мурури замон бо гузаштани се шабонарӯз дар бораи он камтар фикр мекунем, зеро ин андеша ба қабати дуюми хотираамон меафтад. Дар қабати аввали хотира ҳамон иттилооте нигоҳ дошта мешавад, ки дар бораи ӯ ҳар рӯз фикр мекунем. Вале ба иттилооти қабати дуюм хотира камтар ниёз дорад, зеро он қурби пешинаашро аз даст медиҳад ва ба зинаи навбатӣ гузашта, ҷои ӯро иттилооти нав ва муҳим пурра менамояд.

Минбаъд чунин ҳолат ба вуҷуд меояд. Баъд аз гузаштани чанд муддат, агар иттилоотро истифода набарем, он ба қабати сеюми хотира мегузарад. Қабати сеюм хотираи дарозмуддат мебошад. Иттилооти дар қабати сеюм бударо аҳён-аҳён истифода мебарем. Дар ҳамон ҷой солҳо мехобад. Баъд аз ин иттилоот ба қабати дигар мегузарад ва акнун он чи ки мо амалӣ кардан мехостем, дар хоб мебинем, чунки дар ҳаёти воқеӣ мо онро анҷом надодем. Чи тавре ки Саидмурод Давлатов қайд намудааст: «Ба хотири он ки чунин ҳолат рух надиҳад, дар ҳар вақти кӯтоҳи муайян, яъне дар ҳар се шабонарӯз (72 соат) баъд бояд нақшаҳоятонро аз назар гузаронед, идеяи худро ба ёд оварда, ба амалӣ гардонидани андешаҳоятон шурӯъ намоед, ҳеҷ набошад қадами аввалинро гузоред, ҳамин принсипро бояд тамоми умр риоя кард, он гоҳ орзуҳоятон амалӣ мегардад». Зеро иттилооти нав ҳамеша дар қабати аввали хотира нигоҳ дошта мешавад. Бо ин мақсад, ба мо ҳиссиёти ҳафтумамон, ки вазифаи он ба шакл даровардани ҳодисаҳои зарурӣ ва ҳиссиёти шашумамон, ки вазифаи он ба воситаи интихоби эҳсосӣ ҷалб намудани одамони зарурӣ барои анҷоми ин кор мебошад, мадад мерасонад.

Қабати аввали хотираи мо, ҳатто худи мағзи сари инсон, ҳамчун радиостансия мавҷҳои тафаккурро қабул ва паҳн менамояд. Масалан: эҳтимол дар ҳаётамон чунин ҳолат шуда бошад. Мо ба ягон рафиқамон телефон кардан мехостем ва ӯ гуё фикри моро хонда бошад, худаш ба мо занг мезанад.

Машқҳои ҳамешагии инкишофдиҳандаи тафаккур, хотира ва идрок зарур мебошанд. Эътимод ба худ, озодона рафтор намудан, қадру қимат ва обрую эътибор доштанро тарбия намудан зарур аст. Ҳар рӯз дар пайи мустаҳкам намудани иттилоот ва хотираатон бошед, то савияи ҷаҳонбинию тафаккуратон аз дигарон ба куллӣ фарқ намояд.

Чуноне ки таҷрибаҳои устод Саидмурод Давлатов нишон медиҳанд, ба 17 ҷавоби манфӣ як ҷавоби мусбат рост меояд. Боз як таносуби дигар ин аст, ки аз байни 11 ҳодисаи номақбули манфӣ мо танҳо 1 ҳодисаи мусбатро дар хотир нигоҳ медорем.

# БАҲОРИ ХУҶАСТА



**Тоҷинисо АЗИЗЗОДА, донишҷӯи соли 1**

Азизонам, ман баҳорам! Ман баҳори оламафрӯз, баҳори кишту кор ва айёми зиндашавии табиатам. Васфи ман дар забони шоирону ҳофизон танинандозу симоям мавриди таваҷҷуҳи ошиқон ва моникаламон аст. Омадам то бар ҷамоли худ табиати атрофро зеботар, ҳавои онро наку гардонам, омадам то донае аз дили мазраи деҳқон ба замин кошта шавад. Маро баҳори орзуҳо мегӯянд. Ин лаҳза ман ба наздатон омадам, ки Шуморо ба дунёи орзуҳо раҳнамон созам.

**Эй баҳори сабзу тар хуш омадӣ,**
**Эй ҷамоли баҳру бар хуш омадӣ.**
**Аз қадамҳоят ҳама гул мекунад,**
**Эй арӯси гулбасар хуш омадӣ.**

Муҳаббат нисбати баҳор баҳри ман имони пок мебошад, чунки хонаву ҳама хонҳо пок аст. Агар покиҳо фардеро бикушад, барои ман он аз ҳама инсони пок мебошад.

Баҳор омад, дарёҳо дамида чун дарёи дили мо, дар саҳро лолаҳо рӯийда, боғу чаман ва саҳроҳо шукуфон гаштааст. Омад боз ин зебогӣ бо нозу ишваи ба худ хос, омад то зимистонро аз ҳасудӣ дар гиря андозад.

**Бахор омад, зимистон**
**кулла паймост,**
**Зи қулла водиҳоро дар**
**тамошост.**
**Дилу ҷонаш бигардад аз**
**ҳасад об,**
**Ки ин аз сели ашки ӯ ҳувайдост.**

Хуҷаста бод баҳор! Бо омадомадаш, чӣ арзон шуд рангу атр, боронҳои хушсадо ба мисли тори мӯй, бар пушта бингар базми лолачинии лоларӯёнро, ки то гардун садо дорад, садои чашмаи чашми кӯҳсор. Бубин шоле кашидаст кӯҳсорон аз абр ба монанди зани гулгунқабои боҳаё. Борон аё бегонаи кӯҳ бингар чӣ хуш аст афсонаи кӯҳ. Ба оҳанги зебову маҳини обшоронаш туро созад ҷононаи худ. Чӣ сеҳр дорад ин фасли дилоро, накҳати хушаш ҳар гоҳ, ки баъд аз сардии зимистон ба диёрамон қадам мениҳад, дар дили пиру ҷавон хушҳолию шодӣ меорад. Ҳаво гарму гулу буттаҳо сарсабз ва садои булбулони хушсадо аз ҳар тараф ба гӯш мерасад, ки ин як мазмуни зиндагист ва зиндагӣ кардан аст.

**Баҳор омад, замин гарму**
**само гарм,**
**Ҳавас гарму нафас гарму**
**наво гарм.**
**Биё эй булбули ман, аз**
**сари ман,**
**Шавад то сарнагун**
**дардам, саро гарм.**

Дар баҳорон ҳеҷ гоҳ танҳо набошед, ба худ як лаҳзае бепарво набошед, баҳор, ки худ фасли зебову шайдописандист. Чӣ даркор аст, агар шайдо набошед. Саҳаргоҳон бингар аз ҳар сӯ садо меояд, садои ҷуфти парасту, ки ин завқе ба дили дилбар аст. Ба саҳро нигар аз ҷӯби хушке дарахт гултоҷе ба сар шукуфта. Сияҳгӯшҳо дар қалби санг рӯида, ба монанди сияҳмӯйи гул ба оғӯш. Дилам хоҳад касеро ман набинам сияҳбахту сияҳрӯз.

Баҳор омад, ҷудо шав аз ҷудоиҳо, намо ҳифзи вафо аз бевафоиҳо. Хаёлат то шавад рангин тиҳӣ кун аз хатогиҳо ва саратро аз ҳавоҳои ҳавоиҳо.

**Баҳор муборак!**



# ШОД БОШ, АЙ ҲАМВАТАН, КИ НАВРӮЗ ОМАД!



**Комронбек ГУЛОВ, донишҷӯи соли 5**

Наврӯз бо ҳусну тароватат ба сарзамини соҳибистиқлоли мо Тоҷикистон хуш омадӣ! Қадамат хуҷаста бод! Биё то сарзамини мо гулафшон шавад!

Наврӯз баёнгари тафаккури таърихӣ, симои маънавӣ, сиришти маънавӣ, орзую ормон, расму ойин, ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии миллатамон ба шумор рафта, дар тӯли мавҷудияташ арзишҳои фарҳанги миллии моро дар таркиби худ ҳифз кардааст.

Боиси ифтихор ва сарфарозии мо аст, ки Наврӯз ҳамчун иди баҳор, эҳёи табиат ва фаросарии Соли нав ба таърихи бисёр халқу миллатҳои ҷаҳон ворид гашта, ҳаёти онҳоро рангу тароват бахшида истодааст.

Лозим ба ёдоварист, ки Наврӯз ҳамчун тантанаи идона маҳсули офаридаҳои мардуми форснажод, аз он ҷумла тоҷикон аст. Бояд қайд намуд, ки иди миллии мо Наврӯз яке аз идҳои қадимтарини дунё ба ҳисоб меравад, зеро бо зебой, накҳату тароват, сабзиш, қадимият фалсафаи бой дошта, дар миёни тамаддуни ҷаҳонӣ ҷойгоҳи сазоворро касб кардааст. Анъанаҳои асрҳои аср риоягардида то замони мо омада расидаанд. Наврӯз сирф иди мардумӣ буда, ба ягон мазҳабу дин алоқамандӣ надорад. Наврӯз дар ҳар гуна шароит тавонистааст асолати худро нигоҳ дорад. Яъне сиёсатбозиҳо натавонистанд моҳияти Наврӯзро тағйир диҳанд. Ин аз он далолат медиҳад, ки ин ид рӯҳи халқ, ҳастии фарҳанги қадимаи мардум буда, дар дили мардум ҷой гирифтааст. Наврӯз чун хатти устувор дирӯзу имрӯзро пайваста, дар ин замина бо ранги нав дар замони соҳибистиқлолӣ ба ҷилва омад.



Бо шарофати сиёсати фарҳангдӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон баҳри густариш ва таҷлили арзандаи Наврӯз шароити созгор муҳайё гардид. Ва ин омил ба эҳёи анъанаҳои наврӯзӣ мусоидат намуд. Дар тасаввури мардум Наврӯз иди сари сол, бедоршавии хок, оғози кишту кори баҳорӣ аст.

Тибқи анъана Наврӯз тӯлонӣ ҷашн гирифта мешавад ва аз ҳама маъракаҳои зебое, ки кулли мардумро мутаваҷҷеҳ месозад, қувваозмоии паҳлавонон дар ҷамани сабзи баҳор мебошад. Дар айёми мо Наврӯз бо ҳамон шакле, ки аз аҳди бостон ба мо мерос мондааст, ҷашн гирифта мешавад.

19 феврали соли 2010 Ассамблеяи Генералии СММ дар иҷлосияи 64-уми худ Наврӯзро ҷашни байналмилалӣ эълон намуд ва ифтихори моро дучанд гардонд. Наврӯз, яке аз идҳои бостонии ниёгони тамаддунофар ва соҳибфарҳанги мост, ки аз фаросарии соли нави хуршедӣ ва навбаҳори зебову хуҷастапай мужда медиҳад.

Ин пайки шодмонӣ ва шодкомӣ рамзи офариниши ҷаҳон, осмону ситорагон, гулу гиёҳ ва мавҷудияти инсон буда, ба зиндагӣ оғози нав ва накҳати тоза мебахшад. Дар гузашта барои ҷашни Наврӯз бо самимияти зиёд омодагӣ мединанд ва рӯзи навро ба шодию фараҳ дар хонаву наврӯзгоҳҳо пешвоз мегирифтанд. Имрӯз ҳам дар ҳар як хонадон Наврӯзро бо расму оинҳои суннатии аҷдодонамон истиқбол мегиранд ва азизу гиромӣ медоранд. Воқеан ҳам Наврӯз яке аз ҷашнҳои мардуми ориёитабор аст. Аз ин рӯ, дар ин ҳангом шодию нишот ва фарахмандӣ дар тамоми хонадони сокинони кишвари соҳибистиқлоли мо танинандоз мегардад.

**Наврӯз фархунда бод!**

# НАВРӮЗ – РАМЗИ ОЗОДӢ ВА ЭҲТИРОМ БА ҲУҚУҚИ ИНСОН

## (ЭЪЛОМИЯИ КУРУШ ДАР НАВРӮЗ ЭҲДО ШУДААСТ)



**Некрӯз САФАРЗОДА, донишҷӯи соли 4-и Академияи давлатии ҳуқуқи Саратови Федератсияи Россия**

Асри XXI-ро метавон асри таҳаввулот ном бурд.

**Аз ин таҳаввулоти пуршиддат халқ ва миллате метавонад бесеб ва содда раҳо шавад, ки дирӯз ва имрӯзи худро хуб мешиносад. Шинохти дирӯз ва имрӯз имконият фароҳам меоварад, то ба насли баъдӣ миллати пурнур ва соҳибтаърихро мерос гузошт.**

Ҷойи шак нест, ки миллати тоҷик таърих ва фарҳанги бой, ки асрҳоро убур мекунад, дорост. Халқи тоҷик хушбахттарин халқ аст, ки бо талош ва заҳматҳои бедордилони гузаштаву имрӯзаи худ таърих ва фарҳангашро аз ҳазорҳо набард эмин нигоҳ дошт ва имрӯз ба ҷомеаи ҷаҳонӣ исбот намуд, ки таърихи беш аз 5500 сола моли ӯст. Яке аз нишонаҳои бозгӯкунандаи таърих ва фарҳанги миллати тоҷик Иди Наврӯз маҳсуб меёбад.

**Оид ба замони пайдоиши Наврӯз фикру ақидаҳои мухталиф ҷой доранд. Гурӯҳе бар он назаранд, ки ин рӯз оғози сол буда, ба исми Аҳура Маздо мансуб аст. Дар ин рӯз инсон офарида шуд ва кори ҷаҳон оғоз гардид. Ҳурмуз дар 365 рӯз оламро офарид ва дар оғози моҳи Фарвардин осоиш ёфт. Гурӯҳи дигар бар он назаранд, ки маҳз дар рӯзи Наврӯз айёми Урмузд, Зардушт дини маздоясноро пазируфт ва подшоҳ Гуштосп ин динро қабул кард. Аз ин рӯ, ҷумлае аз пажӯҳишгарон бар он назаранд, ки маҳз оинҳои Наврӯз замина барои пайдоиши мазҳаби зардуштӣ гардидааст.** То кунун зиёда аз 75 назарияҳои илмӣ оид ба пайдоиши Наврӯз мавҷуд аст. Аммо ҷоизи қайд аст, ки Наврӯз таърихи куҳан дошта, ифтитоҳи тамаддуни миллати тоҷик аз он оғоз мегардад. Ин нуктаро Пешвои миллат дар суханронии худ бахшида ба иди Наврӯз дар соли 2009 чунин ифода намуданд: «Тамаддуни халқи мо бо Наврӯз оғоз мегардад, яъне Наврӯз оғозгоҳи мардуми фарҳангии мо маҳсуб ёфта, аз давраҳои бостон то имрӯз бо беҳтарин арзишҳои худ ба зиндагии мо рангу таровати хоса мебахшад. Чуноне ки аз сарчашмаҳои зиёди таърихӣ, адабӣ ва фарҳангӣ бармеояд, пайдоиши Наврӯз ба замони Ҷамшед марбут буда, панҷуним ҳазор сол инҷониб ҳамчун рӯзи хуҷаста, пешонии сол ва ҷашни шодиву нишот таҷлил мегардад».



Устувонаи Куруш, ки дар он матни эъломияи ҳуқуқи башар оварда шудааст ва тибқи манобеи таърихӣ эъломияи мазкур дар арафаи Наврӯз ба мардум армуғон шудааст.

**Марбут будани пайдоиши Наврӯз ба замони Ҷамшедро ҳамзамон Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» ва «Алтафҳим», Абӯалии Балъамӣ дар «Таърихи Табарӣ», Умари Хайём дар «Наврӯзнома», Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома», Абӯсаиди Гардезӣ дар «Зайн-ул-ахбор», Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро»-и худ тасдиқ намуда, доир ба расму оинҳои Наврӯзӣ ибрози назар кардаанд.**

**Баъзе сарчашмаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки Наврӯз замоне иди миллӣ эълон шуд, ки Куруши Кабир ба Бобул ворид гардида, онро ба даст овард, яъне охири соли 538 т.м. Дар ин бобат Пешвои миллат чунин қайд намуданд: «Наврӯз ҳанӯз дар аҳди Куруши Кабир ва Дорои Бузург дар толорҳои бузурги Тахти Ҷамшед, бахусус қасри сафеди Садсутун бо иштироки аҳли созу наво ва табақаҳои мухталифи ҷомеа дар сатҳи давлатӣ беш аз як ҳафта таҷлил мегардид».**

**Ҷолиби диққат он аст, ки эълони Наврӯз ҳамчун иди миллӣ ва қабули Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ба як рӯз рост меоянд. Куруш охири соли 538 т.м. ва аввали соли 539 т.м. Наврӯзро ҷашни миллӣ хонд ва Эъломияро чун анъанаи неки Наврӯзӣ ба мардум тухфа намуд, ки ин ба миёнаи моҳи март-апрел рост меояд. Яъне, маълум мешавад, ки Куруш бо шарофати иди Наврӯз асиронро озод, гунаҳгоронро авф, бенавоёнро хон ва бединонро дин додааст, ки аз амалҳои неки инсонӣ ва анъанаҳои неки Наврӯзӣ шаҳодат медиҳанд.** Наврӯз дар худ расму оинҳои зиёдро дар бар мегирад ва бахшоиши гуноҳҳову оштӣ намудан ҷумлае аз онҳост. Шояд ин ойинҳои наврӯзӣ замоне пайдо шуда, ки Куруш дар рӯзи Наврӯз эъломияи худро ба мардум ҳадя намуда, дар заминаи он бисёре аз асиронро озод ва бисёре аз халқҳоро оштӣ дод, ки ин аз мавҷудияти адлу адолат, арзишҳои инсондӯстӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон башорат медиҳад.



Таҷлили Наврӯз дар оромгоҳи Куруши Кабир

Дар аҳди Сосониён Наврӯзро дар ду қисмат ҷашн мегирифтанд, ки он бо номҳои «Наврӯзи кӯчак» ё «Наврӯзи омма» ва «Наврӯзи бузург» ё «Наврӯзи хосса» маълуму машҳур аст. Дар баъзе аз манобеи дигари таърихӣ аз се намуди Наврӯз, ки бо номҳои «Наврӯзи муътазӣ», «Наврӯзи азудӣ» ва «Наврӯзи султонӣ» маълум аст, сухан меронанд.

**Ба ҳамин тариқ, Наврӯзро халқи тоҷик дар замони қадим бо тамоми расму оинҳояш ва ба таври густурда таҷлил менамуд. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ ид намудани ин мероси гаронбаҳои фарҳангиву миллиро манъ намуданд. Бо вуҷуди чунин маҳдудият мардум ҳаргиз аз таҷлили оғози тамаддуни хеш бо нишона аз Наврӯз худро канор намегирифт ва онро на ба таври бошукӯҳ, балки дар доираи маҳалҳо қайд менамуд, ки ин замина барои ба таври бегазанд ба мо расидани Наврӯз шудааст.**

Нишона аз мероси гаронбаҳои мардуми тоҷик ва бо ташаббусҳои пайвастаи Тоҷикистон 30 сентябри соли 2009 Наврӯз ба феҳристи Кумитаи ҳифзи мероси фарҳангии СММ, ҳамчун ёдгории ғайримоддии фарҳанги башарият дохил шуд. Таърихи 18-уми феврали соли 2010 дар ҷаласаи 64-уми Ассамблеяи Генералии СММ, тахти фасли 49, ки унвони "Фарҳанги ҷаҳон"-ро дошт, қарорномаи "Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз" ба тасвиб расид, ки дар заминаи он ҳамасола дар тамоми ҷаҳон 21-уми март ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз ҷашн гирифта мешавад.

**Маълумотҳои матраҳшуда гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки Наврӯз воқеан ифодагари таърих ва фарҳанги ғании мардуми тоҷик буда, меросбаронаш бо супурдани ҷон онро аз насл ба насл, аз аср ба аср то имрӯз расондаанд. Чун имрӯз ҷомеа дар ҳоли дигаргунии азим қарор дорад мо насли нави меросбарро зарур аст то бо ҳимоя аз асолати таърихии худ онро боз ҳам волотар ва зеботар ҷашн гирифтаву мавриди ҳифз қарор диҳем ва дар ин роҳи пурмашаққат, вале пурифтихор ба насли ориёӣ пирӯзӣ хоҳонам.**

**Наврӯзи тоҷикӣ аз шаҳри Саратови Федератсияи Россия муборак!**

